ЧАРО БОЗОРИ АСЪОР ДАР ТОҶИКИСТОН КАЛАВАНДА АСТ? с.3

ХОНАНДАИ ТОҶИК 1 МЛН ДОЛЛАР БА ДАСТ ОВАРД с.2

АКБАРИ 58-СОЛА БО ДУЧАРХА БА ҲАҶ МЕРАВАД с. 6

ТОҶИКИСТОН

№15 (1474) 13.04.22 Оғози нашр: марти 1992

*Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якмост!*

# КУШТОР ДАР САРҲАД ВА БОХТ ДАР ҶАНГИ ИТТИЛООТИ





**АФЗАЛШО ШОДИЕВ**

Кӣ номи ӯро аз рӯйхат хат зад?

с.7

**ЭКСПО-2020**

Ғӯлингу кӯрпача - дастовардҳои инноватсионии Тоҷикистон

с.8

**ШАҲБОЗ ШАРИФ**

Сарвазири нави Покистон кист?

с.4



**САИДМУКАРРАМ АБДУЛҚОДИРЗОДА:**

Ислом дини эътиқоду амал аст!

с.7

**ВАРЗИШ**

3 медали ҷавононии тоҷик аз Осиё

с.15

**КАНЗИ ШИФО**

5 фоида ва як зарари хурмо

с.13

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,**
академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
президенти АИ Тоҷикистон, академик

**Далер ҶУМЪА,**
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,**
профессор

**Шералӣ РИЗОЁН,**
сиёсатшинос

**Абдулмаҷид УСМОНОВ,**
Журналист

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ Фаронса

**Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,**
Профессор, чомеашинос

**Амина ШАРОФИДДИНОВА,**
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

**Мухтор БОҚИЗОДА,**
шореҳи сиёсӣ

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
хабарнигор

**Фазлиддин АСОЗОДА,**
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

**Умед СУЛТОНОВ,**
сахифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*

*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброз аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ РЕКЛАМА:**
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
**44 601-35-95**
**director@tayron.tj**

**ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
**238-78-78, 44 640-99-88**
**ads@rg.tj**

**ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА**
**938-66-82-64, 221-41-11**
**furush@rg.tj**

# 628 000 СОМОНИИ РАИС БА ҒОЛИБОНИ СЕ ОЗМУН

**Қурбон Ҳакимзода, раиси вилояти Хатлон барои ғолибони даври вилоятии се озмуни ҷумҳуриявӣ - «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» ва «Илм - фурӯғи маърифат» 628 ҳазор сомонӣ ҷудо кард.**

Дар даври вилоятии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» барои барандагони ҷойи якум 3000 сомонӣ, ду ҷойи дуюм 4000 сомонӣ (ба ҳар яке 2000 сомонӣ) ва ду ҷойи сеюм 2000 сомонӣ (ба ҳар яке 1000 сомонӣ) мукофотпулӣ пешбинӣ шудааст. Инчунин, ғолибони даври вилоятии озмунҳои «Илм - фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» низ бо ҳамин миқдор мукофотпулӣ сарфароз гардонида мешаванд.

Устодону волидайни иштирокчиёни озмунҳо бо ифтихорномаю мукофотпулии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон қадрдонӣ мегарданд. Ба ҳамаи онҳое, ки дар даври ҷумҳуриявии ин озмунҳо ҷойҳои ифтихориро соҳиб мешаванд, аз ҷониби раиси вилояти Хатлон иловатан ҷоизаҳои пулӣ тақдим карда мешаванд.

# КУМАКИ АРАБИСТОНИ САУДӢ БА ЯТИМОНИ ТОҶИК

**Арабистони Саудӣ барои 600 ятими тоҷик ҳар моҳе 600 доллари амрикой кумаки молӣ мерасонад.**

Ҳаҷми умумии тарҳ $811,996 буда, давоми як сол 600 ятим дар минтақаҳои Бохтару Кӯлоб ва ВМКБ 100-долларӣ ёрмандӣ хоҳанд гирифт. Ин кумакҳоро дар доираи як созишномаи тарафайн Маркази имдод ва ёриҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон мерасонад.

Ин тарҳро дар Тоҷикистон Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пиёда мекунад. Сафири Подшоҳии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон Валид бин Абдурраҳмон ар-Рушайдон дар маросими имзои ин созишнома гуфт, ки лоиҳаи нав марҳилаи дувуми тарҳ буда, аз ин пештар ба 500 ятим ҳар моҳ 100 доллари амрикой расонидани ёриҳоро оғоз кардаанд ва кунун бо илова шудани 600 ятими дигар, шумораи умумии гирандагони ин ёриҳо ба 1100 ятим расид.

Баҳодур Қурбониён, Дабири кулли Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон гуфт, ки пулҳоро ба кӯдакони ятим тавассути кушодани корти бонкӣ мерасонанд.

Ба гуфтаи Қурбониён, онҳо ятимонеро, ки ин ёриҳоро мегиранд, дар асоси пешниҳоди ҳукуматҳои маҳаллӣ, ки аз сӯйи комиссияҳои босалоҳият баргузида шудаанд, интихоб мекунанд ва баъдан рӯйхати пешниҳодии ҳукуматҳои маҳаллиро бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дигарбора месанҷанд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН



*Алишер Қосимов, барандаи гранти омӯзишӣ*

# ХОНАНДАИ ТОҶИК СОҲИБИ 1 МИЛЛИОН ДОЛЛАР ШУД

**Талабаи литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд соҳиби Шоҳҷоиза - гранти омӯзишӣ ба маблағи беш аз 1 миллион доллар ва интихоби идомаи таҳсил дар 8 донишгоҳи Амрико ва Швейтсария гардид.**

Тибқи иттилои Сурайё Неъматова, директори литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд, ин имтиёзро хонандаи синфи 11-уми муассисаи мазкур Алишер Қосимов ба даст оварда. Алишер Қосимов - хонандаи Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд яке аз аз омилҳои ба ин муваффақияти комил расидани худро дар омӯхтани фанҳои таълимӣ бо забони англисӣ дар литсей донистааст. Ӯ мегӯяд, ки дар раванди иштирок дар озмунҳои мазкур ӯ давоми 2 моҳ «эссе»-ро бо забони англисӣ навишта пешниҳод намудаву ғолиб гардид.

**(Давомаш дар саҳ. 14)**

## САРИ САБЗ



**Олимҷон МУҲАММАДҶОНЗОДА, раиси Қумитаи забон ва истилоҳоти Тоҷикистон**

**- Гуруҳи корӣ панҷ сол кор кард ва бо қарори ҳукумат имло тасдиқ шуд. Дигар роҳи бозгашт нест. Аломати "Ъ"-ро низ аз алифбои забони тоҷикӣ намебардорем.**

*- Эҳ, о, ҳамин шарҳу тавзеҳатонро барвақттар мегуфтед, намешуд!? Дар шабакаҳои иҷтимоӣ мазҳака ба вуҷуд овардед. Ё мақсад пуровоза кардани фаъолияти Кумита буд?*



**Дилафрӯз АМИРЗОДА, мудири телевизиони "Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ"**

**- Баъзе эълонҳоро бо забони англисӣ нашр мекунем. Нашрҳои иттилоотӣ бо забонҳои инглисиву русӣ ҳам дорем. Баъзе филмҳо пурра бо забони англисӣ пешкаш мешавад.**

*- Ҳмм, бечора забони тоҷикӣ, боз ҳам моли чанд нафар зиёиву олими забоншиносу забондӯст мондан мегирад-да!*



**Сафар ҲАҚДОД, раиси Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон**

**- Филмнома як моли "тезвайроншаванда" аст. Инро бояд "Тоҷикфилм" қаблан пешгӯӣ намояд, ки соли равон ва солҳои оянда кадом филмҳо офарида мешаванд.**

*- Аҷоиб гапҳо мезанед, раис! Идораи обуҳавосанҷӣ наметавонад вазъи солҳои ояндаро пешгӯӣ кунаду "Тоҷикфилм" метавонад филм пешгӯӣ намояд? Ё ягон экстрасенс доранд?*

# БОЗОРИ АСЪОР

## Чаро дар Тоҷикистон калаванда аст?

**“Агар дар бонкҳо 100 доллар иваз кардан хоҳед, ба ивазаш 1250 сомонӣ талаб мекунанд. Ҳол он ки, курси хариди доллар 1180 сомонӣ аст. Бубинед, фарқ аз замин то осмон. Гӯё бонкҳои Тоҷикистон ба як манбаи даромади муфт табил ёфтаанд. Бонкҳо долларро гирифтан - ку мегиранд, вале намефурӯшанд. Фурӯшанд ҳам, бо нархи гарон”. Ин порчаи матлаб аз номаи Толиб Каримов, сокини Тоҷикистон ба сомонаи Pressa.tj аст, ки мехоҳад асли қазияро донад.**



Воқеан ҳам, чанд рӯзи охир иддае аз сокинони кишвар ба Pressa.tj занг зада, аз лаппиш хӯрдани қурби доллар, рубл дар муқоиса ба сомонӣ шикоят мекунанд. Яъне, имрӯзҳо қурби доллар ва рубл бозӣ дорад. Ҳоло 1000 рубли русӣ аз 170 сомонӣ ҳам гузашта истодааст. Ин болоравӣ воқеист ё маснуъӣ, вақт нишон медиҳад. Вале бонкҳоро лозим аст, ки манфиатҳои соҳавиро сарфи назар карда, манфиати шаҳрвандони Тоҷикистонро дар ҷои аввал қарор диҳанд. Масъулини бонкҳо, шояд хуб мебуд, пайваста тавассути матбуот моҳияти ин таҳаввулотро ба мардум шарҳ диҳанд, онҳоро аз саросемагӣ ба худдорӣ водор намоянд. Ин як роҳи пешгирии воҳимаҳо ва ҳангомаҳост.

Ду рӯзи охир назди “Бонки Эсхата” мардум навбат истодаанд. Ҳолдонҳо мегӯянд, ки яке аз сабабҳои сериздиҳомӣ дар назди бонк интиқоли бештари рубл аз тарафи муҳоҷирон аст. Онҳо мехоҳанд, ки баъди якбора боло рафтани рубл ба пайвандонашон бештар маблағ интиқол диҳанд. Яъне, ҳадаф захираи сомонӣ барои оянда аст. Вале аз тарс бошад ё даромади муфт, таблоҳои баъзе бонкҳо, аз ҷумла “Алиф Бонк”, “Бонки Эсхата”, “Ориёнбонк” рублро дар мукоиса ба нархи тасдиқнамудаи БМТ камтар нишон медиҳанд.

Аммо ҳолати номуайянии доллар нигарониҳоро ба миён овардаст. Масалан, Нигора Холова ба унвонии Pressa.tj менависад, ки “барои ивази долллар ба чанд бонк мурочиат кардам. Аввал ба Бонки “Эсхата”, ки ба хона наздик аст, даромадам. 100 доллларро баробар ба 1240 сомонӣ гуфтанд. Вале ман хостам, ки як миқдор доллар харидорӣ кунам. Дар ҷавоб нест гуфтанд. Аҷиб, доллларро мехаранд, аммо намефурӯшанд. Ҳамин тавр, боз ба чанд бонки дигар сар халондам. Бонкҳои дигар 100 доллларро бар ивази 1180, 1220 ва аз ин пасттар ҳам мехариданд, вале доллар намефӯшанд. Аҷиб, сиёсати асъорро дар Тоҷикистон кӣ назорат мекунад?”.

Бояд гуфт, ки зери воҳимаҳо аз 10-уми март Бонки миллии Тоҷикистон якбора нархи 100 доллларро аз 1130 сомонӣ ба 1300 сомонӣ расонид. Ахиран нархи 100 доллларро ба 1250 сомонӣ фаровард. Баъзе бонкҳо аз ин ҳам пастар доллларро харидуфурӯш мекунанд. Шояд боз фароранду бароранд. Аҷиб, чаро бозори сиёсати бонкӣ дар кишвар чунин ранг гирифтаву бештар манфиати худи бонкҳо аз мардум дида болотар меистад? Дар ин ҳолат мардум чӣ кор карданро надониста, аз дари як бонк ба бонки дигар медаванд. Аслан, набудани меъёри муайян дар додугирифти асъори хориҷӣ (доллар) мардумро ба шигифт овардааст. Қаблан фарқияти байни хариду фурӯш ҳамагӣ 5 то 10 сомониро ташкил мекард. Имрӯз аз 70 сомонӣ кам нест.

Ба миён омадани чунин ҳолат соҳибкорон ва онҳоеро, ки ба тиҷорат машғул ҳастанд, нороҳат кардааст. Чӣ бояд кард, ки соҳибкорон орому осуда гарданд ва соҳибкорӣ пеш равад? Посухи масъулинро интизорем.

**У. РАҲИМЗОДА**

# МУҲОҶИРОН НАФАҚА МЕГИРАНД

**Ахиран дар ҷаласаи Парлумони Тоҷикистон масъалаи гирифтани нафақаи муҳоҷирон дар Русия ҳал шудааст. Аммо ба як шарт: муҳоҷирон бояд расман дар ҷое кор ва андози иҷтимоӣ пардохт кунанд.**




Дар ин росто, вакилони Парлумони Тоҷикистон 13-уми апрел Созишнома байни Русия ва Тоҷикистонро оид ба ҳамкорӣ дар самти нафақа ҷонибдорӣ намудаанд.

Дилмурод Давлатзода, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Тоҷикистон дар ҷаласаи имрӯз гуфтааст, бар асоси ин санад, минбаъд Русияву Тоҷикистон уҳдадоранд ба шаҳрвандони ҳамдигар, ки дар қаламрави якдигар кор кардаанд, нафақа таъин кунанд. Ӯ афзудааст, ки талабот барои ҳарду кишвар ҳамин аст, ки шаҳрвандон андози иҷтимоӣ пардохт карда бошанд. Яъне, андозаи нафақа аз ҳаҷми пардохти андози иҷтимоӣ ва собиқаи корӣ вобаста аст.

Гуфта мешавад, ки созишнома солҳои 2014-2015 аз ҷониби Русия омода шуда буд. Давоми ин солҳо он дар ниҳодҳои дахлдори Тоҷикистон баррасӣ ва ниҳоят қабул шуд.

Ёдовар мешавем, ки масъалаи нафақаи муҳоҷирон чандин сол боз ба баҳс кашида мешавад. Дар ин маврид Созишнома бо Русия моҳи сентябри соли 2021 имзо шуда буд. Вакилони Парлумони Тоҷикистон бошанд, ин санадро акнун қабул карданд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, феълан беш аз 1 миллион муҳоҷири тоҷик дар Русия кору зиндагӣ доранд. Аммо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон теъдоди муҳоҷирони тоҷик дар хориҷаро 387 ҳазор нафар эълон кардааст. Ин оморест, ки шубҳаро ба миён овардааст.

МАВҚЕЪ



ШЕРАЛӢ РИЗОЁН

## НИЗОЪРО КӢ МЕХОҲАД?

**Ҳодисае, ки ахиран дар марзи Тоҷикистону Қирғизистон ба вуқуъ пайваст, боиси нигаронии шадид аст.**

Мисли ҳамеша мақомдорон ва расонаҳои кишвари ҳамсоя ҷониби моро гунаҳкор карданд. Аслан, таҳлили мавзуъ дар 10 соли охир нишон медиҳад, ки ҳамеша чунин будааст ва ҷониби ҳамсоя худро мусичаи бегуноҳ нишон медиҳанд.

**Чанд нуктае аст, ки мо бояд таваҷҷуҳ кунем:**

*1. Мисли соли гузашта, мақомдорони кишвари ҳамсоя изҳороти нигаронкунанда пахш мекарданд. Мисолаш ангезаи хариди паҳподҳо ва истифодаи он дар марз бо Тоҷикистон аст.*

*2. Мисли соли гузашта, машқи ҳарбӣ гузаронданд. Соли гузашта 1-3 апрели соли 2021 дар деҳаи Бужум буд, имсол бошад, 31-уми марти соли 2022 бо истифода аз паҳподҳо дар шаҳри Баликчи (вилояти Иссиққӯл) баргузор шуд.*

*3. Мисли соли гузашта, гунаҳкоркунии якҷонибаи Тоҷикистон дар фазои иттилоотӣ васеъ ба роҳ монда шуд.*

Рӯзи 10-уми апрел рӯзноманигор ва коршиноси масъалаи марз Неъматуллоҳ Мирсаидов се ёддошт дар бораи ҷанги иттилоотӣ, вазъи кунунии марз ва иқдомҳои якҷонибаю низобарангези ҳамсояҳоро нашр карданд. Худи ин навиштаҳо собит мекунад, ки кӣ низоро мехоҳад ва барои чӣ чунин шуда истодааст.


Низомикунии хати марз бо Тоҷикистон аз ҷониби Қирғизистон чанд моҳ боз идома дошту дорад. Оё расонаҳо ва коршиносони он ҷониб инро дида метавонанд? Ҳамаи амалкарди ҳамсояҳо ба интиқомҷӯӣ ва реваншизм рост меояд. Ба назарам ин дафъа мо ба таври ҷиддӣ ва хунсардона ин ҳодиса ва тирпарронии моҳи мартро дар Чоркуҳ баррасӣ кунему ҳарбиёни Қирғизистонро ба Додгоҳи байналмилилӣ супорем. Аз набудани ҷазо барои кирдорашон аз худ рафтанд.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

# ПУШТИБОНИ ТОЛИБОН РАФТ, ДӮСТИ ЧИН ВА ИМА ОМАД?

## Шаҳбоз Шариф, сарвазири Покистон кист?

**Шаҳбоз Шариф - раҳбари ҳизби Мусалимлиг - шохаи Навоз ба сифати сарвазири Покистон интихоб шуд. Ӯ дар ин вазифа Имрон Хон - пуштибони Толибонро иваз кард ва қарор аст то моҳи октябри соли 2023 ҳамчун 23-юмин нахуствазири ин кишвар дар вазифа фаъолият кунад.**



### Бародари сарвазири пешин

Шаҳбоз бародари хурдии Навоз Шариф, собиқ сарвазири Покистон мебошад. Навоз Шариф қаблан се бор мақоми нахуствазириро дар Покистон ба даст овардааст.

Шаҳбози 70-сола се бор ба унвони сарвазири бузургтарин аёлати Покистон - Панҷоб кор кардааст. Ин аёлат пойгоҳи қудрати хонаводаи ӯст. Ӯ ҳоло раёсати ҳизби Мусалимлиг - шохаи Навозро бар дӯш дорад ва аз соли 2018 номзад ба мақоми сарвазирии Покистон буд.

Шаҳбоз дар Лоҳур дар хонаводаи сарватманд ва молики ширкатҳои саноатӣ ба дунё омадааст. Падараш аз сарватмандони табақаи миёна буд. Хонаводаи Шаҳбоз аз Кашмир ба Панҷоб муҳоҷират кардаанд. Падараш аз сармоядорони табақаи миёнаи Панҷоб буд. Ду бор издивоҷ кардааст.

Бори аввал бо Нусрат Шаҳбоз дар соли 1973 издивоҷ кардааст, ки аз ӯ 4 фарзанд - Салмон, Ҳамза ва ду духтари дугоник - Ҷавория ва Робия дорад. Бори дуввум соли 2003 бо Таҳмина Дурронӣ издивоҷ кардааст. То расидан ба курсии нахсутвазирии Покистон дар Лоҳур дар хонаводаи падарияш зиндагӣ мекард.

Молики маҷмӯаи "Амлок-люкс" дар Лондон ва Дубай ва соҳиби Ittefaq Group аст. Дороии ӯро аз бародараш Навоз Шариф бештар медонанд.

Шаҳбоз Шариф дар Донишгоҳи давлатии Лоҳур дар риштаи улуми инсонӣ то дараҷаи коршиносӣ таҳсил кардааст. Пас аз он вориди тиҷорати хонаводагӣ шуд ва ҳоло низ молики муштараки як ширкати фӯлод аст. Ӯ миллионер ва молики дороиҳои зиёде дар дохил ва хориҷ аз Покистон аст.

Шаҳбоз Шариф дар аёлати худ вориди сиёсат шуд ва дар соли 1988 ба унвони намоянда вориди маҷлиси аёлатӣ шуд. Аввалин бор дар соли 1997 сарвазири аёлати Панҷоб шуд, пас аз кудато (табадуллот)-и низомии генерал Парвиз Мушарраф дар сол 1999 ба зиндон афтод, соле баъд ба Арабистони Саудӣ (ҳамроҳ бо бародараш Навоз Шариф) табъид (бадарға) шуд, ҳафт сол баъд аз табъид бозгашт ва фаъолияти сиёсии худро дар Панҷоб аз сар гирифт ва дар соли 2008 дигарбора сарвазири Панҷоб шуд.

Бори севвум дар соли 2013 сарвазири Панҷоб шуд ва то соли 2018 дар мақом буд, ки дар интихоботи умумии ин сол ҳизби Мусалимлиг шикаст хӯрд.

Ӯ пас аз соли 2017, ки бародараш Навоз ба иттиҳоми пинҳонкории дороиҳое, ки дар асноди Панама фош шуд, ба зиндон афтод, раёсати ҳизби Мусалимлиг - шохаи Навозро бар дӯш гирфт.

Шаҳбоз Шариф ҳам дар давраи Имрон Хон муттаҳам ба фасод шуд, аммо дар ҳеҷ иттиҳоме гунаҳгор шинохта нашуд.

Вай аз соли 2018 то кунун раҳбарии мухолифин ё оппозисиюнро дар баробари давлати Имрон Хон бар дӯш дошт.

### Дӯсти Чин ва ИМА

Расонаҳои ғарбӣ Шаҳбоз Шарифро дӯсти Чин ва ИМА муаррифӣ мекунанд. BBC менависад, ки Консули генералии Чин дар Лоҳур соли гузашта дар замони хатми вазифаи худ дар номае ба Шаҳбоз Шариф аз ӯ «дӯсти қадими Чин» гуфта, аз ичрои саривақтии тарҳи даҳлези иқтисодии Чин-Покистон, ки Шаҳбоз Шариф масъулияти онро ба зимма дошт, васф кардааст.

Дар ин нома дипломати чинӣ навиштааст, ки ҳизби Муслимлиги Навоз дӯсти Чин аст, чӣ ин ҳизб дар қудрат бошад, чӣ дар мухолифат.

Дар ҳамин ҳол, Шаҳбоз Шарифро яке аз чеҳраҳое медонанд, ки бо Ғарб, хусусан Амрико ва Британиё равобити хубе дорад. Ҳафтаи гузашта дар яке аз мусоҳибаҳояш гуфт, ки равобити хуб бо ИМА барои Покистон бисёр муҳим аст.

# ЭРЛАН АБДИЛДАЕВ

*Сафири нави Қирғизистон дар Тоҷикистон*

**Президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов (Садыр Жапаров) рӯзи 12-уми апрел бо судури як фармон вазири собиқи корҳои хориҷии кишвараш Абдилдаев Эрланро сафири Қирғизистон дар Тоҷикистон таъйин кард. Абдилдаев дар ин мақом Жаниш Рустенбековро иваз мекунад.**

Рустенбеков моҳи феврали соли 2022 дар пайи ба ӯ изҳори нобоварӣ кардани парлумон аз вазифааш барканор карда шуд. Парлумон Рустенбековро ба он айбдор кард, ки барои ҳимоят аз манфиатҳои Қирғизистон дар Тоҷикистон талоши кофӣ ба харҷ намедиҳад.



Эрлан Абдилдаев дар ҳоле сафири нави Қирғизистон дар Тоҷикистон таъйин шуд, ки муносибатҳои Бишкеку Душанбе як давраи пуртанишеро паси сар мекунад.

Эрлан Абдилдаев 21-уми июли соли 1966 дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон дар хонаводаи коргардони синамо Бекеш Абдилдаев ба дунё омада, соли 1989 МГИМО - Донишкадаи давлатии равобити байналмилалии Маскавро хатм кардааст. Абдилдаев ба забонҳои англисию хитоӣ балад буда, қаблан ҳамчун сафири Қирғизистон дар Хитой ва аз соли 2012 то 2018 ҳамчун вазири корҳои хориҷии кишвараш кор кардааст. Абдилдаев аз соли 2020 сафири Қирғизистон дар Олмон буд ва моҳи феврали соли 2022 аз ин мақом озод карда шуд.

Эрлан Абдилдаев ду фарзанд - як писар ва як духтар дорад.

# УКРАИНА УЗВИ ИТТИҲОДИ АВРУПО МЕШАВАД

**Украина мумкин аст мақоми узвият ба Иттиҳоди Аврупоро моҳи июни соли 2022 соҳиб шавад. Дар ин бора муовини сарвазири ин кишвар Олга Стефанишина хабар дод.**



«Украина анкетаро барои узвияти Иттиҳоди Аврупо дарёфт кард. Мо то ин замон бештари корҳои омодагиро анҷом додем, акнун омодаем, ки ба таври фаврӣ амал кунем»,- навишт Стефанишина дар "Твиттер".

Раиси Комисияи Аврупо Урсула фон дер Ляйен рӯзи 8-уми апрел бо Владимир Зеленский дар Киев мулоқот кард ва анкетаро барои шуруъи гуфтугуҳои шомилшавӣ ба Иттиҳоди Аврупо ба вай супорид.

«Роҳи шумо ба Иттиҳоди Аврупо шуруъ мешавад. Ин роҳи кӯтоҳе хоҳад буд»,- гуфт раиси Комиссияи Аврупо.

Ҳафтаи равон Киев меҳмонони оликадрро қабул кард. Пас аз раиси Комиссияи Аврупо сарвазири Британияи Кабир Борис Ҷонсон ба Украина ташриф оварда. Зеленский дар мулоқотҳо аз эҳтимоли ҳамлаҳои шадиди Русия хабар дода, аз Аврупо кумаки бештар хост.

# ҶАБҲАИ МУҚОВИМАТ БЕДОР МЕШАВАД!

**Дар Афғонистон баъди сукути кӯтоҳ Ҷабҳаи муқовимати миллӣ зоҳиран бедор мешавад.**

Ахиран шуморе аз афрод зери номҳои гуногун дар вилоятҳои мухталиф даст ба муқовиматҳои мусаллаҳона задаанд. Тозатарин рухдод суханони Самеъ Содот, яке аз генералҳои баландпояи неруҳои мусаллаҳи пешини Афғонистон аст, ки мегӯяд, онҳо вазифадоранд барои озодии Афғонистон даст ба кор шаванд.

Самеъ Содот дар як паёми савтӣ, ки бештар хитоб ба неруҳои амниятӣ ва дифоии ҳукумати пешин буд, гуфт, Толибон ба хости душманони Афғонистон барои фирори кадрҳо ва вайрон кардани зербиноҳо амал карданд.

Ӯ таъкид кардааст, ки пас аз Иди Фитр раванди сафарбар кардани неруҳои амниятӣ ва дифоӣ оғоз хоҳад шуд: "Мо барои кишварамон гомҳои амалӣ хоҳем бардошт ва дар ин қадамҳои амалӣ фаъолиятҳои сиёсӣ, чунбиши маданӣ ва фаъолиятҳои мусаллаҳона вуҷуд доранд. Мутаассифона, чорае надорем. Толибон моро маҷбур кардааст, то аслиҳа ба даст гирифта ва бо зӯри силоҳ озод кунем".



Генерал Самеъ Содот чандин мақоми низомии калидиро дар замони ҳукумати пешини Афғонистон ба уҳда дошт ва охирин мақоми ӯ масъули умумии амнияти Кобул буд. Вай ҳамчунин фармондеҳи неруҳои вижаи артиши Афғонистон буд.

PRESSA.TJ
Сомонаи нашрияи ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

# КУШТОР ДАР САРҲАД

## Ва бохт дар ҷанги иттилоотӣ

**Боз садои автомат. Боз нооромии сарҳад. Боз дар марзи Қирғизистон. Боз як тоҷик қурбон.**



Ин ҳодиса шоми 12-уми апрели соли 2022 дар ҷамоати Хистеварзи вилояти Суғд рух дод. Марзбонони қирғиз ба “далел”-и вайрон кардани сарҳад ҷониби ҳамкасбони тоҷикашон тирандозӣ карданд. Ҳол он ки, хати сарҳад ҳанӯз маълум нест ва вайрон шудани он зери шубҳа қарор дорад. Вале чун ҳамеша ҷониби Қирғизистон пешхезӣ карда, бо баҳонаи сарҳадвайронкунӣ ҷониби Тоҷикистонро гунаҳкор карданд. Вале мо тоҷикони муаддаб “даҳони баста сад тилло” гуфтему хомӯшӣ интихоб намудем. Қаблан ҳам хомӯш будем, ҳоло ҳам хомӯшем. Минбаъд низ хомӯш монем? Ҳол он ки, дар чунин низоъҳо касе бурд мекунад, ки дар ҷанги иттилоотӣ бурд мекунад. Дар ин ҷанг ҳамеша қирғизҳо пешдастанд, тоҷикон таҳаммулпазириро пеша мекунанд. Ҳанӯз мардум саҳархӯрӣ накарда, дар тамоми расонаҳои дунё хабар паҳн шуд, ки тоҷикон сарҳадшиканӣ карданд ва як аскари қирғиз дар задухӯрд ҷароҳат бардошт. Ҳол он ки, сарҳадшиканӣ набуд ва як сарҳадбони тоҷик аз ҷониби сарҳадбонони қирғиз ба қатл расонида шуд.

### Низоъ баъди мулоқот

Ин низоъ дар ҳоле бархест, ки субҳи 12-уми апрел раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ҳамроҳ бо чанде аз роҳбарони ниҳодҳои қудратӣ, раисони Исфараву ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар гузаргоҳи сарҳадии “Гулистон”-и шаҳри Исфара бо раиси вилояти Бодканд Абдикарим Алимбаев музокирот доштанд. Вале новобаста аз ин сарҳадбонони қирғиз тирандозӣ карданд ва сабабгори марги як тоҷик гаштанд.

Матлуба Ҷӯрабоева, муовини раиси ҷамоати Хистеварз мегӯяд: “Вақте сарҳадбононӣ мо ба хидмат машғул буданд, сарҳадбонҳои Қирғизистон хостаанд бо онҳо суҳбат кунанд. Онҳо ҷониби ҳам ҳаракат мекунанд. Маълум, ки ин провокатсия буд. Сарҳадбонони қирғиз ҷониби ҳамкасбони тоҷики худ тир мекушоянд. Дар натиҷа чанд нафар мачруҳ ва Зоир Саидумарови 27-сола, сокини ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон кушта мешавад”.



Муовини раиси ҷамоати Хистеварз мегӯяд, ҳоло вазъ дар минтақаҳои марзӣ ором аст, ҳарчанд баъзе аз сокинон мегӯянд, аз такрори чунин ҳодисаҳо нигаронанд. “Мардум ба таҳлука наафтоданд. Ин бори аввал нест. Мо гуруҳи тарғиботӣ дорем ва мардуми маҳаллаҳои наздимарзиро огоҳ кардем, ки ҳушёр бошанд”,- мегӯяд Матлуба Ҷӯрабоева.

> **ЧУН ҲАМЕША ҶОНИБИ ҚИРҒИЗИСТОН ПЕШХЕЗӢ КАРДА, БО БАҲОНАИ САРҲАДВАЙРОНКУНӢ ҶОНИБИ ТОҶИКИСТОНРО ГУНАҲКОР КАРДАНД. ВАЛЕ МО ТОҶИКОНИ МУАДДАБ “ДАҲОНИ БАСТА САД ТИЛЛО” ГУФТЕМУ ХОМӮШӢ ИНТИХОБ НАМУДЕМ.**

### Гуфтушуниди бенатиҷа

Мақомоти ду тараф рӯзи 13-уми апрел дар минтақаи Борбодук вохӯрда, розӣ шудаанд, ки «неруҳои худро аз хати марз ба маҳали доимияшон бармегардонанд ва сабабу омилҳои муноқишаи ахирро пурра меомӯзанд».

Бахши аввали мулоқоти ҳайатҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар деҳаи марзии Борбордуки кишвари ҳамсоя, дар ҳудуди гузаргоҳҳои сарҳадии «Кулунду» ва «Овчи-қалъача» бо тавофуқ ба пас кашидани неруҳо аз хати марз ва созишҳои дигари бахши амниятиву кишоварзӣ ба поён расид. Ин мулоқот 13-уми апрел сурат гирифт.

Дар ин мулоқот аз ҷониби Тоҷикистон фармондеҳи Неруҳои марзбонии КДАМ Раҷабалӣ Раҳмоналӣ, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва аз сӯйи Қирғизистон фармондеҳи Хадамоти марзбонии КДАМ Уларбек Шаршеев, раиси вилояти Бодканд Абдикарим Алимбаев ва роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилоятҳо ва раисони ноҳияҳои наздисарҳадӣ ширкат доштанд.

Ҷонибҳо бар пайи баррасии тирпарронии шаби гузашта ба тавофуқ расиданд, ки неруҳоро аз хати марз ба маҳали будубошашон пас мекашанд ва сабабу омилҳои ҳодисаи рухдодаро пурра меомӯзанд.

Вале аксари коршиносон ин гуфтушунидҳоро барои ҳалли мушкили марз бенатиҷа арзёбӣ мекунанд.

### Қурбонии навбатӣ

Зоир Саидумарови 27-сола сокини ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон буд. Ӯ дар даъвати баҳории соли 2020 ба хидмат рафта буд ва ин шабу рӯз муҳлати хидматаш ба поён мерасид.

Даврон Нишонзода, раиси ноҳияи Дӯстӣ мегӯяд, ки маросими видоъ бо марзбони кушташуда нимарӯзи 13-уми апрел дар зодгоҳаш баргузор шуд. Раиси ноҳияи Дӯстӣ афзуд, ки дар маросими видоъ намояндагони қисми ҳарбие, ки Зоир Саидумаров дар он хидмат мекард, ширкат доштанд.

### P.S.

*Тоҷикистону Қирғизистон 970 километр сарҳад доранд ва то ҳол беш аз нисфи он муайяну нишонагузорӣ нашудааст. Даҳҳо километр хати марз мавриди баҳс қарор дорад ва ҳар чанд вақт боиси сар задани низоъ ва задухӯрдҳо мешавад.*

*Ҷамоати Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо ноҳияи Лайлаки вилояти Бодканди Қирғизистон ҳамсарҳад аст. Дар ин ҷамоат беш аз 62 ҳазор одам зиндагӣ мекунанд.*

*Марз дар ин минтақа пурра муайян ва аломатгузорӣ нашудааст ва тарафи Тоҷикистон низ борҳо марзбонону шаҳрвандони Қирғизистонро ба ғайриқонунӣ гузаштан аз марз гунаҳкор кардааст.*

*Низои хунбортарин Рамазони соли гузашта, охири моҳи апрели соли 2021 сар зад ва се рӯз идома кард. Дар натиҷа, аз ду тараф даҳҳо нафар куштаву мачруҳ шуданд.*

# НАҚШАИ ДАЪВАТ 40% ИҶРО ШУД. ВМКБ ПЕШСАФ

**Дар 10 рӯз нақшаи даъвати баҳории ҳарбӣ дар тамоми ҷумҳурӣ 40 дарсад иҷро шудааст. Дар ин бора аз Вазорати дифои Тоҷикистон хабар медиҳанд. То кунун танҳо ВМКБ нақшаро дар рӯзи аввали даъват беш аз сад дар сад иҷро кардааст.**

Манбаъ менависад, ки дар ин давра вилояти Хатлон 40 дарсади нақшаро иҷро кардааст. Ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин, Носири Хусрав ва Фархор аллакай нақшаи даъвати ҳарбиро пурра иҷро кардаанд.

- Вилояти Суғд 27 дарсад, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 47,3 дарсад (ноҳияҳои Лахш, Нуробод, Рашт, Сангвор ва Тоҷикобод нақшаро сад дарсад иҷро кардаанд) ва шаҳри Душанбе 42 дарсад нақшаи даъвати ҳарбиро иҷро кардаанд,- хабар медиҳад Вазорати дифоъи Тоҷикистон.

Бояд гуфт, ки дар рӯзи якуми маъракаи даъвати ҳарбӣ ВМКБ нақшаи даъвати ҳарбиро сад дарсад иҷро намуда буд.

Иҷрои то 40 дарсади нақшаи даъвати ҳарбӣ дар ҳолест, ки тайи чанд рӯзи охир навори бездошти ҷавонон дар кӯчаву бозор ва фурудгоҳҳо пахш мешавад, ки ба гуфтаи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ “облава” ё ҷалби иҷбории ҷавонон ба артиш аст.



Ёдовар мешавем, ки 1 апрел дар Тоҷикистон маъракаи даъвати баҳорӣ ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ оғоз гардид.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

# ИХТИРОЪИ “ПРОФЕССОР РИЗОЕВ”

*Кумак ба маъюбон ва равшанӣ ба деҳот*

**Маҳмудҷон Ризоев, як навраси 15-сола аз Тоҷикистон барои одамони имконияти ҳаракаташон маҳдуд квадрисикл сохтааст. Газ ва тормози ин мошин дар қисмати чанбари фармонаш насб шуда, квадрисикли сохтаи Маҳмудҷон аз батареяи офтобӣ ва генератор кор мекунад ва ба сӯзишвориву нерӯи барқ эҳтиёҷ надорад.**

Маҳмудҷон, ки ӯро дар хона барои ҳушмандиаш “профессор Ризоев” ном мебаранд, ин мошинро дар муддати 3 моҳ сохтааст.



Маҳмудҷон Ризоев мегӯяд, ки мехост ба мардуми имкониятҳояшон маҳдуд кумак расонад. Ӯ мегӯяд: “Бо кумаки нерӯе, ки батареяҳо тавлид мекунанд, мо метавонем бо боварӣ масофаҳои тӯлониро тай кунем. Квадрисикли сохтаи ман аз нигоҳи иқтисодӣ хароҷоти иловагӣ надорад ва ба табиат низ зарар намерасонад”.

Ҳоло Маҳмудҷон Ризоев дастгоҳи инноватсиониеро такмил карда истодааст, ки барои таъмини равшанӣ дар хонаҳо, бахусус дар шароити кӯҳистон, истифода хоҳад шуд. Ӯ мехоҳад ин сохтаи худро дар олимпиадаи шаҳрӣ ба намоиш гузорад.

Муовини мудири Литсейи инноватсионии Душанбе Гулнора Аҷчимил ба “МИР 24” гуфтааст: “Ӯ ҳар сол дар ҳама олимпиадаҳо иштирок мекунад. Фанни аз ҳама дӯстдоштаи Маҳмудҷон физика аст, чунки ин фан ба кашфиёти ӯ алоқамандӣ дорад”.

Маҳмудҷон нақшаву орзуҳои бузург дорад. Ӯ мехоҳад забонҳои хориҷиро биомӯзад ва сохтаҳои худро дар арсаи байналмилалӣ ба намоиш бигузорад.

“Ман мехоҳам дар ягон донишгоҳи муътабари Амрико меъмориро биомӯзам ва дар оянда Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кунам”,- мегӯяд ин хонандаи мактаб.

**А. АЗИЗОВА**

# ФИКРИ ДЕҲҚОНРО КӢ МЕКУНАД?

**Чаро дар мавриди арзиши аслии маҳсулот андеша намекунем?**

Ман 4 сомониву 50-дирамӣ тухмии картошка гирифтам, 13 сомонӣ мачавин, дар маҷмуъ 350 сомонӣ то ба имрӯз сарф намудам. Коштану чобукро бемаблағ бо аҳли хонавода иҷро кардем. Агар аз 20 килограмм тухмӣ 200 кг картошка гирам, пас арзиши аслии як килограмм картошкаи истеҳсоли худӣ барои ман наздики 2 сомониро ташкил медиҳад. Агар ман ҳам деҳқон бошам, картошкаро ба қимати 2 сомонӣ ҳеҷ гоҳ намефурӯшам. Зеро деҳқон заминро иҷора мегирад, барои шудгору кишт маблағ сарф мекунад ва ҳамаи он болои арзиши аслӣ зам мегардад. Мо чаро манфиати деҳқонро андеша намекунем?

**М. РАҲИМОВ**

# ПАДАРИ ФАРЗАНДБЕЗОР

**Чанд рӯз қабл ба шаҳраки Обигарм рафта будам. Зимни ин сафар бо Омина Акаҷонова ном ҷавонзан, ки сокини деҳаи Даратутак будааст, шинос шудам. Сарнавишти ӯ хеле дарднок аст. Онро аз забони худаш мешунавем:**

- Ман бо маслиҳати волидайн ба Хуршед ба шавҳар баромадам. Рӯзҳои аввали хонадоршавӣ хурсандии мо ҳадду канор надошт. Фарзанди якумамон ба дунё омад, маърака оросто, тӯй кардем, вале шодии мо дер давом накард. Баъди таваллуди фарзанди дуюмамон шавҳарам нисбати ману фарзандон дилсард шуд. Бо ҳар баҳона ҷанҷол мекард. Хусуру хушдоманам ба ҷойи насиҳату маслиҳат тарафдори шавҳарам буданд. Билохира, бо маслиҳати онҳо аз ҳам ҷудо шудем. Вале се сол аст, ки Хуршед Нуруллоев алименти кӯдаконро намедиҳад. Мегӯяд, ки “тағои зӯр дорам, ҳар ҷое хоҳӣ, шикоят кун, як тин ҳам аз ман намегирӣ”. Хулоса, сарамро ба куҷо занам, намедонам.

Оё мақомоти шаҳри Роғун ба мушкили Омина расидагӣ мекарда бошанд?

**Ҳокими САФАР**





# БО ДУЧАРХА БА ҲАҶ

Акбар Саидов ба мисли миллионҳо мусалмон орзуи зиёрати Хонаи Худоро дорад, аммо ӯ мехоҳад маҳз бо дучархаи худ ба он ҷо равад. Мегӯяд, арабҳо сафарашро ба Арабистон дастгирӣ кунанд, «бо худ парчами Тоҷикистон гирифта, ба роҳ мебарояд». Номбурда 58 сол дорад ва аллакай бо дучархаи худ ба Ӯзбекистон сафар карда буд.

Номбурда наздики 15 сол боз ният дорад, ки бо дучарха ба Маккаву Мадина сафар кунад ва барои ин кор ба Кумитаи миллии олимпӣ ҳам мурочиат карда, вале посухи рад гирифтааст. Бо вуҷуди ин, Саидов мегӯяд, ки ӯ як ҳадаф дорад ва барои амалӣ шуданаш пушти дари дигар идораҳои дахлдор меравад.

**МУШОҲИДА**



# НАМОЗИ ҶУМЪА, ЗАНГИ ТЕЛЕФОН ВА РАИСИ НОҲИЯ

**Шаҳри Душанбе. Масҷид. Намози ҷумъа. Мулло-имом тариқи баландгӯяк амри маъруф дорад. Анбуҳи чандсаднафараи намозгузорон ҳам дар дохил ва ҳам дар саҳни масҷид бодиққат гӯш ба ҳарфҳои домулло додаанд.**

Нохост телефони як нафаре, ки дар қатори аввал, дар назди домулло нишаста буд, занг мезанад. Мард бе ягон шитобкорӣ оҳиста даст ба ҷайб бурда, телефонро гирифтанӣ мешавад. Садои мусиқӣ диққати мулло-имомро ба худ ҷалб мекунад, вале ӯ кӯшиш менамояд аҳамият надиҳаду аз мавзуъ дур наравад. Аммо мусиқии телефон ба зудӣ қатъ намешавад ва ин чиз нигоҳҳои норозиёнаи нафарони наздик ба имоми масҷид нишастаро ба бор меорад. Ин ҳолатро дида, мулло-имом дигар тоқат накарда, ба мард муроҷиат намуда, мегӯяд:

- Эй бародар, охир зудар хомӯш кунед телефонатонро!

Чунин ба назар мерасад, ки гӯё мард мусиқии телефонро хомӯш карда наметавонад. Ин дам як ҷавон аз қатори дуввум аз ҷой хеста, рафта телефонро аз дасти мард мегирад ва батареяи онро ҷудо мекунад. Мусиқӣ хомӯш мегардад ва мулло-имом амри маъруфашро идома медиҳад...

Ин ҳолатро мушоҳида карда, ҷаласаҳои раиси ноҳия ба хотирам расид. Чанд сол қабл, вақте ки маро ба ноҳия ҳамчун мудири филиали бонк равон намуданд, банда бори аввал дар ҷаласаҳои ноҳиявӣ иштирок мекардагӣ шудам. Дар аввалин ҷаласа кори нахусте, ки баъд аз шиносоӣ ҳампаҳлуҳоям ба ман фаҳмонида, таъкид намуданд, ин буд: «Телефонатро хомӯш намо, вагарна аз он маҳрум мегардӣ». Баъдтар ман ин чизро бо чашми худ дидам. Дар ҷаласаҳои раиси ноҳия агар мабодо телефони касе занг мезад, раиси ноҳия телефони он нафарро гирифта, мефармуд ба ҳочатхона партоянд ва ёвари раис дар ҳақиқат телефонро ба ҳочатхона ҳаво медод.

Боре дар айни ҷаласа телефони раиси як ҷамоат занг зад. Вай то онро хомӯш намуд, ки раиси ноҳия ин ҳолатро дид ва фармуд, то телефонашро гиранд. Телефонашро гирифтанд ва Абдураҳмонзода фармуд, ки онро ба ҳочатхона партоянд. Телефонро ба ҳочатхона равон намуданд ва раиси ноҳия ба раиси кумитаи андози ноҳия, ки марди куҳансол буд, мурочиат намуда, гуфт:

- Дар ҳамин давоми кори ман дар ноҳия чанд телефон ба ҳочатхона партофтаем?


- Аз даҳто зиёд ба фикрам, Раис,- гуфт раиси кумитаи андоз.

Раиси ноҳия гуфт:

- Дар даҳ телефони ба ҳочатхона партофтаи ман, ки як хели шумо ақли «дар вақти ҷаласа телефонро хомӯш ё бе овоз намудан лозим»-ро ёд нагирифтед, дигар вақти мурданатон инро дарк мекунед?!...

**Олим САФОЛОВ**

# ХОҲАРИ ТУРСУН ЎЛҶАБОЕВ ДАРГУЗАШТ




**Ўлҷабоева Ҳикматой - хоҳари шодравон Турсун Ўлҷабоев аз олам гузашт. Марҳум 90 сол дошт ва дар ҷамоати деҳоти Зайнаббибии ноҳияи Рӯдакӣ зиндагӣ мекард.**

Дар бораи марги номбурда духтараш Гулчеҳра Худойбердиева дар “Фейсбук” хабар дод.

Номи Ҳикматой Ўлҷабоева ду сол қабл расонаӣ шуда буд. Соли 2020 баробари оғоз шудани корҳои таъмиру азнавсозии НБО “Норак” дар кишвар лимит ҷорӣ шуд. Аз ҷумла, дар ҷамоати деҳоти Зайнаббибии ноҳияи Рӯдакӣ маҳдудиятҳои барқ ба вуҷуд омад. Хоҳари Турсун Ўлҷабоев, ки НБО “Норак” номи ӯро дорад, дар пиронсолагӣ аз бебарқӣ азият кашид ва ин мушкилашро дар ВАО ба миён гузошт. Дар мавриди рӯзгори хоҳари Турсун Ўлҷабоев маълумоти зиёде дар даст нест.

**“РАМАЗОН НА ТАНҲО МОҲИ ИМТИҲОНИ НЕРӮИ ҶИСМОНӢ ВА ПАРҲЕЗ АЗ ҒИЗО, БАЛКИ ИМТИҲОНИ ВАЗЪИ РУҲИВУ РАВОНӢ ВА ПОКИЗАГИИ НИЯТУ АЪМОЛ ҲАМ ҲАСТ. ИН НУКТА БА ОНҲОЕ ДАХЛ ДОРАД, КИ БАРОИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА МАРДУМ МАСЪУЛАНД. БА ТАВРИ СУНЪӢ БОЛО БАРДОШТАНИ НАРХУ НАВОИ БОЗОР БА ХОТИРИ ФОИДАИ БЕШТАР ГИРИФТАН ДАР ИН МОҲ АМАЛИ БАДТАРИНЕСТ, КИ ДАР ДИНИ МУБИНИ ИСЛОМ МАВРИДИ МАҲКУМИЯТ ҚАРОР ГИРИФТААСТ”,- МЕГӮЯД РАИСИ ШӮРОИ УЛАМОИ МАРКАЗИ ИСЛОМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН САИДМУКАРРАМ АБДУЛҚОДИРЗОДА.**



# ИСЛОМ ДИНИ ЭЪТИҚОДУ АМАЛ АСТ

## Суҳбати рамазонӣ бо Саидмукаррам Абдулқодирзода

*Суҳбатро аз нархи молу маҳсулоти бозор оғоз кардани Саидмукаррам Абдулқодирзода бесабаб нест, зеро ҳамасола дар арафаи моҳи шарифи Рамазон савдогарони мо нарху наворо чандин маротиба боло мебардоранд. Вале муфтии Тоҷикистон ин амалро гуноҳи азим арзёбӣ мекунад.*

**Саидмукаррам Абдулқодирзода мегӯяд:**

- Дар моҳи мубораки Рамазон баъзе нафарон, соҳибкорон ва ё шахсоне, ки бозорнишинанд, ба эҳтикор - ба таври сунъӣ боло бурдани нарх даст мезананд. Мо камбуди равған, орд, меваҷот надорем, ҳама анборҳо пур аз ин неъматҳост. Ҳоло ба таври сунъӣ баланд бардоштани нархи маводи мавриди ниёзи аввал, бардоштани нархи дигар маҳсулот, умуман сӯйистифода аз моҳи мубораки Рамазон ё рӯзҳои мубораки ид бисёр гуноҳи азим буда, пайомадҳои нохуш низ дорад. Нафароне, ки нархро ба таври сунъӣ боло мебардоранд, аз ин маблағе ба даст меоранд, лек ин маблағ ба онҳо ба ҷуз нигарониву нокомӣ ва парешониву ташвишҳо чизе намедиҳад. Барои ин ҳам, ман аз тамоми бозорнишинон ва онҳое, ки ҳамарӯза дар бозору мағозаҳо фаъолият анҷом медиҳанд, хоҳиш дорам, ки дар моҳи мубораки Рамазон хайру эҳсонро пеша кунанд, нархҳоро на боло, балки ба миқдоре поин фароранд. Зеро ҳеҷ коре бе подош наmemонад, агар некӣ бошад, подоши нек ба бор меорад.

**- Барои хонандагони ҳафтаномаи «Тоҷикистон» дар мавриди фазилатҳои моҳи мубораки Рамазон чанд ҳарф бигӯед.**

- Бинои мусалмонӣ ба панҷ рукн аст: калимаи шаҳодат, намоз, рӯза, ҳаҷ ва закот. Ҳаҷу закот ба инсонҳои сарватманд ва доранда фарз мегардад. Барои онҳое, ки имконият надоранд, ҳаҷу закот иҷборӣ нест.

Моҳи мубораки Рамазон бошад, яке аз рукнҳои панҷгонаи асосии дини ислом ба ҳисоб меравад. Фазилати ин моҳи муборакро Паёмбари гиромии ислом, ҳазрати Муҳаммад (с) дар ҳадиси муборак мегӯянд: «Шумо рӯза бигиред, ки саломату бардам шавед». Имрӯз ҳам, кашфиёти илмӣ далолат бар он мекунанд, ки аксари бемориҳо бо рӯза доштан муолиҷа мешаванд. Худованди азза ва ҷал дар ояти қудсӣ мефармояд, ки “Ҳар ибодат аҷру подоши муайян дорад, вале ин рӯза барои ман аст ва ман аҷрашро медиҳам”.

Фазилату бартарии дигари моҳи мубораки Рамазон ин аст, ки ҳар некие агар инсон дар дигар моҳҳо анҷом медиҳад, аз 1 то 10 аҷр дорад, агар амали хайрро дар Рамазон бикунад, аҷру подошаш аз 10 то 800 аст. Дар моҳи мубораки Рамазон ҳар фарз баробари 70 фарз аст. Яъне, агар шахс дар моҳи Рамазон закот диҳад, мисли онест, ки 70 маротиба закот додааст. Ё як ракъат намози шумо дар Рамазон баробари 70 ракъат аст.

Гузашта аз ин, моҳи Рамазон моҳи бахшиши гуноҳҳо аст. Паёмбар (с) мегӯянд, ки “Ҳар инсоне, ки ба хотири Худованди азза ва ҷал рӯза мегирад, аз тамоми гуноҳҳо пок мегардад, зеро Худованд ҳамаи гуноҳҳои ӯро мебахшад”. Ё дар ҳадиси дигар омадааст: “Ҳар инсоне, ки шаби моҳи мубораки Рамазон намоз мегузорад ва ибодат менамояд, ҳар гуноҳе дорад, Худованди азза ва ҷал гуноҳҳояшро меомӯрзад”, хоҳ он намози таровеҳ бошад ва ё намози таҳаҷҷуд.

Ҳамчунин, дар моҳи мубораки Рамазон шаби Қадр ҳаст, ки бартарини шабҳост. Маҳз дар ҳамин шаб китоби муқаддаси Қуръон нозил шудааст.

Фазилатҳои моҳи мубораки Рамазон зиёданд ва метавон дар бораи онҳо соатҳо ҳарф зад.

Ман аз ҳамаи мусалмонон, ки дар ин моҳ рӯза медоранд, даъват мекунам, ки гуноҳҳои ҳамдигарро бубухшанд, бо касе қаҳрӣ бошанд, оштӣ кунанд. Онҳое, ки дар дил бухлу кина доранд, ба касе ҳасад мебаранд ва дорои дигар хислатҳои зишту нопок ҳастанд, моҳи мубораки Рамазон имкон медиҳад, ки ботини худро тоза намоянд.

**- Киҳо аз гирифтани рӯза озоданд?**

- Рӯза яке аз ибодатҳои пурмашаққатест, ки ниёз ба сабру таҳаммул дорад ва аз ин рӯ, бархе аз афроди ҷомеа онро таҳаммул карда наметавонанд. Бинобар ин, шариати исломӣ ба хотири осонӣ ва рафъи машаққат барои чунин гуруҳи одамон хӯрдани рӯзаро рухсат додааст. Аз ҷумлаи чунин узрҳои шаръӣ, ки шариат муайян намудааст, беморӣ мебошад. Беморие, ки ба сабаби рӯза гирифтан авҷ мегирад ё аз нав ба вуҷуд меояд. Шариати ислом дастур ва тавсияи табиби ҳозиқро дар ин маврид муътабар мешуморад, яъне агар мутахассиси соҳаи тиб зарари рӯзаро ба чисми бемор мушаххас кунад, хӯрдани рӯза дар ин ҳолат ҷоиз аст.

Гуруҳи дигаре, ки метавонанд аз гирифтани рӯза худдорӣ варзанд, мусофирон мебошанд. Тибқи қарори Шӯрои уламо, масофаи сафар 120 км аст, зеро дар мазҳаби ҳанафӣ муддати сафар се марҳала буда, як марҳала ба 40 км баробар аст. Масалан, як ронандаи автобуси мусофиркаш бо 30-40 мусофир аз марказ ба ноҳияи дурдасттарин сафар мекунад ва масофа аз 120 километр ҳам дуртар мешавад. Дар ин ҳолат бо дарназардошти масъулият, машаққати роҳ ва солимии дигар мусофирон ин ронанда метавонад рӯза нагирад.

Занҳо дар марҳилаи ҳомиладорӣ, дар ҳолате, ки рӯза ба саломатии модар ва тифл таҳдид дорад, метавонанд рӯза нагиранд. Модари ширдеҳе, ки хӯроки тифлаш танҳо шири модар аст, дар гирифтани рӯза айни ҳамин имтиёзро дорад.

Шахсони пиру солхӯрда, ки гирифтани рӯза барои онҳо машаққат ва бемадорӣ меорад, бо додани фидяи савм (тибқи қарори Шӯрои уламо 420 сомонӣ барои як моҳи мубораки Рамазон) ба ниёзмандон аз гирифтани рӯза озод мебошанд. Додани фидя фақат ба ҳамин гуруҳ дахл дорад. Дар ҳолатҳои боло, вақте ки узрҳои шаръӣ бартараф шуд, қазо воҷиб мешаваду бас.

**- Илова бар рӯза мусалмонон дар моҳи шарифи Рамазон боз чӣ амалҳоро бояд анҷом диҳанд?**

- Моҳи мубораки Рамазонро моҳи раҳмат мегӯянд. Дини мубини Ислом танҳо дини эътиқод нест, балки дини эътиқоду амал аст. Мо дар ин моҳ бояд нисбат ба мардум хайрхоҳ бошем.

Бояд зикр намуд, ки аз рӯи ҳикматҳои моҳи шарифи Рамазон анҷом додани ҳар гуна амали хайру савоб, боз намудани дари саховату ҳиммат бояд хос ба хотири ризои Худованд бошад, на ба хотири дарёфти шуҳрату обрӯю эътибор миёни ҷомеа. Шахсе, ки дар моҳи мубораки Рамазон барои ризои Худо як амали нек ва ё кори хайру савоб анҷом медиҳад, монанди касест, ки ҳафтод амали фарзиро дар ғайри ин моҳ анҷом додааст. Яке аз амалҳои хайру савобе, ки маҳз дар моҳи шарифи Рамазон анҷом додани он таъкид шудааст, садақа ба ятимону маъюбон, оилаҳои бесаробону камбизоат ва дигар ниёзмандон ба шумор меравад. Паёмбари ислом (с) таъкид мекунанд: «Беҳтарин ва боарзиштарин садақа он аст, ки дар моҳи Рамазон анҷом гирад».

**- Суоле, ки бисёриҳо дар арафаи моҳи Рамазон медиҳанд, ин аст: Оё нафароне, ки намози панҷвақта намегузоранд, намози таровеҳ хонда метавонанд?**

- Намоз хондан - ин пок шудан аз гуноҳ аст. Шариати ислом ҳеҷ вақт дар ҳеҷ шакл нафареро аз намоз хондан манъ накардааст. Агарчи хондани намози панҷвақта фарз аст ва намози таровеҳ суннат ё суннати муаккада, ачру подоши зиёд дорад, лек на ба баробари он намозҳои фарзи панҷвақта. Агар нафаре, ки рӯза гираду намози панҷвақта нахонад, Худованд тавфиқаш диҳад, нафари рӯзадор ҳатман намози таровеҳ хонад, хоҳ узрнок бошад, хоҳ беузр.

**- Фаъолияти муҳоҷирони меҳнатии мо дар ҳоли ҳозир ҳам муҳим, ҳам хатарнок ва ҳам вазнин аст, зеро дар давлатҳое ҳастанд, ки мавҷи коронавирус хомӯш нашудааст. Оё барои онҳо ягон сабукӣ ҳаст?**

- Агар мутахассис гӯяд, ки рӯза доштан сабаби гирифторӣ ба COVID-19 мешавад, дар ин сурат шариати ислом барои пешгирии хатар иҷозат медиҳад, ки рӯзаашонро бихӯранд, вале ҳатман қазояшро бидоранд. Дар дигар ҳолат бояд рӯза бигиранд.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

# ҒЎЛИНГУ КУРПАЧА

## — инноватсияи Тоҷикистон дар “ЭКСПО-2020”

Киштӯдӣ ба Дубай барои тамошои “ЭКСПО-2020” рафт. Гумон дошт, ки аз ҳавопаймо фаромадан замон, савори уштур мешаваду шири шутурхӯре сад бор сачда ба замин карда, ӯро ба манзил мерасонад. Аммо баробари пой бар ин сарзамин гузоштан, чашм аз косахонаи сараш баромад. “Қишлоқи тиллоӣ”-и Мирсаид Миршакар пеши ин шаҳри афсонавӣ об хӯрад. Дар дохили фурудгоҳ Киштӯдӣ роҳ намерафт, роҳ ӯро мебурд. “Худоё, ҷаннаташ ҳамин бошад!?”,- гуфт дар дил. Аммо ин гумон луқмаи шайтон гуфта, “Астағфируллоҳ”-ро пайи ҳам ба забон оварда.

“Ба пурсидан Маккаро ёфтаанд” мегӯянд. Ӯ аз ину аз он роҳи “ЭКСПО” мепурсид. Як вақт ба хотири гӯрсӯхтааш расид, ки имрӯз ҷумъа аст. Ҷумъа дар давлати исломӣ рӯзи истироҳат. Мардуми араб дар ин рӯз ба ғайр аз намозу тавба ба кори дигаре даст намезананд.

Дар паҳлуяш як марди хушриши дар тан куртаи сафеди дароз қадам мезад. Аз ӯ бо забони махлути арабию тоҷикӣ пурсид:

— “ЭКСПО” рӯзи ҷумъа кор мекунад?

Он марди араб ба ҳайрат омад ва ба Киштӯдӣ чун хирси аз хоби гарон бедоршуда назар андохт.

— Эй марди ришу фаши салла ба ҷои калла, аз кучоӣ, ки аз дунё бехабарӣ!? Мо арабҳо ҳамқадами қарни 21 ҳастем, на оне, ки ҳазор сол қабл будем. Рӯзи ҷумъа дар Дубай рӯзи корист, рӯзҳои истироҳат шанбею якшанбе, чун дар Лондону Парижу Ню Йорк.

Киштӯдӣ хост гӯяд, ки чун дар Душанбе, вале сухан дар гулӯяш чун устухон банд монд. Дилаш пур аз фараҳ шуд, ки ҳоло рост ба намоишгоҳ меравад, як рӯзаш сарфа мешавад.

Киштӯдиро як хайрхоҳи аврупоӣ ба метрои бесарнишин савор кард ва гуфт, ки истгоҳи охир “ЭКСПО” аст. Қудрати Худоро бинед, ки қатораҳои метро сарнишин надоштанд, Худо худаш мебурду меовард. Ё наъузамбиллоҳ. Киштӯдӣ фикр кард, ки рӯзҳои охири намоиш аст, чун анъана рӯзҳои охир маҳсулоти дар намоиш гузоштаро мефурӯшанд. Ана пӯшокворӣ мехариду хӯрокворӣ ва ҷомадонҳояшро пур мекунад.

Дохили “ЭКСПО” шуд. Замин кафида, одам баромада буд. Гуфт, ки биё аз намоишгоҳи кишвари хонаи худо — Арабистони Саудӣ сар кунам, ҷойнамозу тасбеҳҳои хуб доранд, дар Тоҷикистон аз сағир то вазир ҳама, алҳамдулиллоҳ, рӯзадору намозхонанд, аз туҳфаам шод мешаванд. Киштӯдӣ чун замони Шӯравӣ дар мағозаи хӯрокворӣ ним рӯз навбат поид ва вориди ғурфаи саудиҳо шуд. Аввал гумон кард, ки ҳамин мардуми араб девона шудаанд. Як чизҳое намоиш медиҳанд, ки ақли шайтон наме-








гирад. На китоби муқаддас ҳаст, на тасбеҳ, на ҷойнамоз. Садоҳои мистикие аз ахромҳо баромада, ба кайҳон мечаспанд, бедуинҳои побараҳнаи дасторбасар дар либоси кайҳонӣ ситораҳоро ба ҳам меоранд. “Ин кори шайтон”,- дар дил гумон мекунад Киштӯдӣ,- ақли ин саудиҳо намерасад, ки макети Қаъбаро дар мобайн гузоранд, ки мардум тавоф кунанд”. Зуд аз он ҷо берун шуд. Хайр, ақли саудиҳо нарасид, ба намоишгоҳи мисриҳою қатариҳою туркҳо медароям. Он ҷо тасбеҳу ҷойнамоз лаб задагист. Он ҷойҳоро ҳам аз он чӣ мечуст, холӣ ёфт. Ҳама ҷо аз 3d, 4d, 5d..., аз навоварихои технологӣ — инноватсия гап мезаданд. Дили Киштӯдӣ тоҳ кашид, фикр кард, ки ба ЭКСПО не, ҷои дигар афтод. Чашмашро чанд бор кушода пӯшид. Ҳама ҷо навиштаҷоти ЭКСПО-2020.

Киштӯдӣ майда-майда ба намоишгоҳи амрикоиҳо рафт. Дохили он пой монду дар ҷояш шах шуд. Қудрати Худоро бинед, ки замину осмон ҳаракат мекунаду ту дар ҷоят истодаӣ. Намоишгоҳи Ҷопон рафт. Ҳар чӣ медид, хобу хаёл буд. Русҳо, қазоқҳо, туркманҳо, ӯзбекҳо аз онҳо қафо набуданд.

Киштӯдӣ аз дур навиштаҷоти “Тоҷикистон”-ро дид. Дилаш аз шодӣ гум зад. Бардам-бардам қадам монда, вориди намоишгоҳи Тоҷикистон шуд. Ана, ина намоишгоҳ мегӯянд. Ғӯлинг, чормағз, мавиз, хӯсаи бузи куҳӣ, кати тоҷикӣ бо курпачаи чор кас медидагӣ, дастархони ороста, чойнаки чой, қандашона зананд, аз сангу кулӯх шаршара сохта, ба Дубай бурданро ҳам фаромӯш накардаанд. Куртаи чакану атлас зеби намоишгоҳ. Болои кат чор арабро шинону духтари тоҷикро чакану атлас пӯшону ба рақс дарор. Ана ин намоиши ҳақиқӣ. Ҳазор сол гузашта бошад ҳам, тоҷик гузаштаи худро фаромӯш намекунад. Чаро савори киштии кайҳонӣ шавад? Замоне харсавор як рӯз не, як рӯз ба манзил мерасад.

Киштӯдӣ дар ғурфаи танг пасу пеш қадам заду тоқат накард. Ба













чун оби ҳаёт ба ташналабони биёбонҳои Араб ҷони дубора бахшидани “Сиёма” инноватсия як масъул наздик омаду пурсид:

— Ака, як чиз пурсам, хафа намешавӣ?

Масъул, ки бачаи ҷавон ва шояд шӯх ҳам буд, “пурсидан айб надорад” гуфт.

— Дар ЭКСПО ҳама зери шиори “Ақлҳоро ба ҳам меорему фардоро бунёд мекунем” технологияи инноватсиониро ба намоиш гузоштаанд. Мо чормағзу ғӯлину мавиз... овардаем. Шояд онҳо намефаҳманд, ки бе ин ғизоҳо ақлҳо ба ҳам намеоянд...

— Шумо аҳли фаҳм будаед. Баъзеҳо меоянду бо тамасхур меравand. Мақсади мо намоиши оби тоза аст. Барои ҳамин оби тозаи “Сиёма” овардем, шаршара сохтем, сурат гузоштем...

Киштӯдии пуртоқат ин ҳамаро гӯш кард ва дар охир тоқат накарду пурсид:

— Ин ҳама ба инноватсия чӣ алоқа дорад?

Масъул каме дар ғазаб шуду гуфт:

— Хайр, ғалат кардем, хайр, моҳияти ЭКСПО-ро нафаҳмидем. Кӣ ғалат накардааст? ЭКСПО-и дигар ислоҳ мекунем.

Киштӯдӣ аз намоишгоҳ берун омаду савори қатораи бесарнишин шуд. Курсиҳои нарму пок ва фазои ороми дохили он боли шикастаи хаёли ӯро ба парвоз оварда. Магар “Роғун” сохтмони инноватсионӣ нест? Магар аз қатраҳои оби пиряхҳо бунёд гаштани рӯди Сиёма, бо технологияи муосир ба зарҳо банду баст гаштани он, нест? Ин ҳамаро дар ЭКСПО 11 000 000 тамошобин дидаву ҳавасаи оби Тоҷикистон мекарданд. Аммо кату курпачаи моро дида, чӣ мегуфта бошанд?

**КИШТӮДӢ**

# АФЗАЛШОРО КӢ АЗ РӮЙХАТ ХАТ ЗАД?

**Хабари хат задани номи Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Афзалшо Шодиев аз рӯйхати сарояндагоне, ки зимни сафари Президенти мамлакат дар шаҳри Панҷакент ҳунарнамоӣ мекунанд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ норозигии мухлисонро ба бор оварда.**

Pressa.tj хабар дод, ки дар доираи сафари Сарвари давлат ба шаҳри Панҷакент баргузории барномаи бошукуҳи фарҳангӣ дар назар аст. Яке аз иштирокчиёни ин чорабинӣ Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Афзалшо Шодиев буд. Вале 5 рӯз қабл аз консерт номи ҳунарманд аз барнома лағв гардид.

Афзалшо Шодӣ мегӯяд, ки ӯ барои ин консерт омода шуда буд: “Ба ман супориш шуда буд, ки ягон суруду оҳанги нав омода намоям. Ман тайёр кардам. Дар аввал гуфтанд, ки суруд олиҷаноб аст, гузашт. Ҳатто шоир Озарахш дар ҳамончо буд ва ба ӯ ҳам писанд омад. Вале намедонам аз чӣ сабаб бошад, ки дигар баромади маро гирифтаанд. Ман бо касе ягон мушкил надорам. Солҳост, ки дар чорабиниҳои фарҳангӣ ширкат карда истодаам. Ҳамеша ба халқу Ватан хидмат мекунам».

Ориф Набиев, саркоргардони чорабинӣ ҳам дар рӯйхат набудани ҳунарнамоии Афзалшоҳ Шодиро тасдиқ карда, гуфтааст, ки мақсади онҳо такя ба ҷавонон будааст. Вале мухлисони бешумори Афзалшо Шодиев дар Панҷакент чунин муносибатро нисбати ҳунарманди дӯстоштаашон ба сахтӣ қабул карданд.

Обид Назаров, муовини аввали вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мегӯяд, ки норозигии мухлисони Афзалшо Шодиев ба гӯши вазири фарҳанг ҳам расидааст ва Зулфия Давлатзода гуфтааст, ки ин масъаларо бо раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дар миён хоҳад гузошт.

Вале дахолати вазири фарҳанг ҳам натавонист номи Афзалшо Шодиевро дар рӯйхат барқарор кунад, яъне зери коса нимкосае ҳаст ва ин нимкоса хеле таъсиргузор...

Тайи ҳафтаи равон вобаста ба ин қазия ба pressa.tj ва “Тоҷикистон” мактубҳои зиёде ворид шуданд, ки яке аз онҳоро пешкаши шумо мекунем.



**СУРУДИ АФЗАЛШО ШОДИЕВ, КИ БА БАРНОМА ПЕШНИҲОД ШУДААСТ. ШЕЪР АЗ КАМОЛ НАСРУЛЛО, ОҲАНГ АЗ АФЗАЛШО ШОДИЕВ.**

*Панҷакент, эй мулки шеър, эй Меҳани озодагон!*
*Эй Саразми бостон, эй остони ростон!*

*Бурдай фазлу адаб аз хоки ҳикматхези худ,*
*Бо навои Рӯдакӣ, бо бӯи ҷӯи мӯлиён.*

*Дар лабат шеъру суруду дар дилат оҳанги ҷуд,*
*Мерасад аз хоки покат ёди ёри меҳрубон.*

*Ҳар гулу гулғунчаат дар лаб табассум мебарад,*
*Зарфишонат зар фишонад пеши пойи одамон.*

*Шукри Истиқлоли Меҳан, шукри пирӯзии халқ,*
*Парчами тоҷик парафшон гашт дар рӯи ҷаҳон.*

*Бо Ватан эҳёи нав фархунда бод, эй халқи ман,*
*Сарфарозият муборак дар замини Суғдиён!*

*Мешавӣ ҳар лаҳза ободу гулафшону тамиз,*
*Фахрат аз имрӯзи ту Деваштичу Испитамон.*

*Пешвои миллати фархундаи мо чун расид,*
*Аз қудумаш файз рехт андар замину осмон.*

*Зинда бошед, эй азиз, эй Пешвои халқи мо,*
*Кам нагардад аз сари мо ҳиммату эҳсонатон!*

*Гулфишон аз юмнатон имрӯзи мо, фардои мост,*
*Гулфишон бар сар бимон, эй халқи ман, то ҷовидон!*

## АФСОНАПАРДОЗИ ВАТАН

*Санги бадгавҳар агар косаи заррин шиканад,*
*Қиммати санг наафзояду зар кам нашавад.*

**Камоли Хуҷандӣ**

Рӯзи 6-уми апрел дар расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ хабаре нашр шуд, ки ҳаводорони сурудҳои миллипарастона ва мухлисони ҳунарманди мардумии миллат Афзалшоҳ Шодиевро нороҳат сохт, аз ҷумла маро ҳам.

Аз кӯдакӣ суруду таронаҳои ин хунёгарро гӯш карда ва ба обу ҳавои Ватан бештар дил бастаам. Хулоса, тибқи хабарҳои нашршуда, ким- кадом коргардоне (ба номаш забон намегардад) аз рӯйхати баромадкунандагони барномаи бошукуҳи сиёсию фарҳангии Панҷакент, ба муносибати ташрифи Президенти кишвар, номи эшонро ҳазф кардаанд. Ҳарчанд қаблан дархости тақияи суруди мувофиқ ба ин чорабинӣ, ки ҳатман тараннуми Ватанро ифода мекунад, шудааст.

Аслан, ин мавзуъ дар назди шаҳомат ва абадияти сурудҳои ин овозхони миллат барои баҳс кирои гап нест. Аз як суҳбати кӯтоҳи телефонӣ ҳам бо Афзалшоҳ Шодиев ин мазмунро пай бурдам, вале вақте халқ мехоҳад, ворисони Рӯдакию Лоиқ, ки аз як мазра шукуфтаанд, инро талаб доранд, ҳатман дар ин марвид бояд садо баланд кард.

Чаро ҳунарманде дар радифи Олим Бобоев ва Абубакр Зубайдов, ки имрӯз, афсӯс, дар ҳаёт нестанд, дар диёри худу бузургмардони миллат ҳаққи пешниҳоди ҳунари худро надошта бошад?!

Нафаре, ки аз як деҳаи кӯчаки ин ноҳия зуҳур карду форсизабонони ҷаҳонро бо офаридаҳои ниёгонпарвараш ба вачд овард, айб аст, ки дар зодгоҳаш бо “иҷоза” садои ватанпарварона кашад.

Фарз кардем, суруди пешниҳодшуда қобили табъи барӯйхатгиранда нашуд (аз табъатон гардем). Пас, лутфан як гӯш андозед ба дурдонаҳои ин ғаввоси дарёи шеъру тарона, ки дар 40 соли фаъолияти умри 60-солааш аз худ ба фарзандони миллат ёдгор гузоштааст: “Шеъру оҳангу суруди ман ба номи миллат аст”, “Ман намозамро ба номат мегузорам тоҷикӣ”, “Имрӯз ручуъи мост, Исмоили Сомонӣ”, “Тоҷикам”, “Ҷомаи сулҳ ба тан омадаӣ”, “Тифлро новаки пистон Ватан аст”, “Гуфтам Ватан”, “Ман васфи Ватан гуфтам”, “Ватан, афсонапардозе туро афсона мехонад”, “Соҳибватан”, “Решаи кӯлобиву балхию техронӣ якест”, “Тоҷикистон” ва даҳҳо оҳангҳое дар ин радиф доранд, ки бешак зеби маҳфилҳои шоҳонаро дорад. Мо бояд бо арҷгузорӣ ба чунин ҳунармандони замон руҳи озодагони миллатро шод гардонем.

**Фарзон МАШАРИПОВ,**
**журналист**

## МИЛЛАТАМРО БА ДУНЁ МУАРРИФӢ КАРДАМ!

Чанд рӯз аст, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар мавзӯи иштироки банда дар барномаи Наврӯзи Панҷакент баҳсу мунозираҳо рафта истодааст. Ман пеш аз ҳама ба ҳамаи мухлисонам, ки барои дар рӯйхати ҳунармандони барномаи мазкур ворид нашудани номи ман изҳори нигаронӣ карданд, изҳори сипос мекунам. Ман ҳамаи шуморо дӯст медорам, эҳтиром мекунам ва ҳамеша дар хизмати шумоям. Ҳамчунин ба Вазорати фарҳанг барои дастгириҳои ҳамешагӣ изҳори сипос менамоям. Ман беш аз 35 сол аст, ки рӯи саҳнаи ҳунар ҳастам. Бо ҳунари худ миллатамро дар дунё муаррифӣ кардаам. Аз қисмати худ розӣ ҳастам ва Худоро шукр мекунам. Имрӯз, Худоро шукр, ҷавонони ҳунарманд зиёданд. Ба онҳо роҳ кушодан ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо ва вазифаи муқаддаси мост. Ба фикри ман ин кор қадри устодонро дар назди ҳунармандони ҷавон баланд мекунад ва ҷои ягон нигаронӣ нест. Мо ҷою мақоми худро ёфтаем. Бигзор онҳо низ ба мартабаи мо бирасанд.

**Зинда бод Тоҷикистон!**

**Афзалшо ШОДИЕВ,**
**Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон**

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

# МУКОФОТИ ИШҚИ ПОК

## Асрори хушбахтии Насим Раҷаб ва Сафияи Носир



**Номи Насим Раҷаб ва Сафияи Носир ба ҳамаи кӯдакону наврасони кишвар ошност, зеро асарҳои марғуби ин адибон беш аз ним аср аст, ки адабиёти бачагонаи тоҷикро ғанӣ сохта, хонандагони сершумор доранд. Чун феълан дар кишвар ҳафтаи адабиёти бачагона ҷараён дорад, ба аёдати адибон Насим Раҷаб ва Сафияи Носир рафтем.**

### Сози муҳаббат

Сафияи Носир зодаи Самарқанди бостонист. Баъди хатми факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ соли 1962 ба Душанбе омада, дар маҷаллаи «Машъал» ба кор шуруъ намудааст. Муддатҳои тӯлонӣ дар рӯзномаҳои «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз»), «Комсомоли Тоҷикистон», моҳномаҳои «Занони Тоҷикистон» (ҳоло "Фирӯза") ва «Чашма» фаъолияти босамар дошт.

Ҳикояҳояш аз солҳои 60-ум ба табъ мерасанд. Маҷмӯаҳои «Муъҷизакорони кӯчак», «Мукофоти ишқи пок», «Танӯри осмон», «Минбари Насим», «Гаҳворабандон» ва «Сози муҳаббат» ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Муаллифи романҳои «Садди Искандар», «Заркосаи шикаста», қиссаҳои «Зиндашӯю мурдашӯ» ва «Қосиди хиёнатгар» мебошад. Сафияи Носир як умр дар нашрияҳои бачагона фаъолият карда, дунёи кӯдаконро хуб омӯхтааст, бинобар саҳифа дар паҳлуи шеъри Лоиқ ҳикояи ман чоп шуда буд... Ҳамин тавр, сарнавишти ман ба матбуот ва адабиёт пайваст ва инак, беш аз 60 сол аст, ки дар ҷодаи адабиёт қадам мезанам.

Сафияи Носир мегӯяд, ки дар давroни Шӯравӣ нашрияҳои бачагона хеле фаъол буданд ва барои тарғиби адабиёт хизмат мекарданд.

- Баъди хатми донишгоҳ дар Самарқанд ҳамроҳи шавҳарам ба Душанбе омада, дар рӯзномаи "Пионери Тоҷикистон" ба кор оғоз кардем. Он замон ин нашрия ва маҷаллаи "Машъал" бо теъдоди хеле зиёд нашр шуда, дар сароса-ри кишвар паҳн мегардиданд. Ҳамаи кӯдакону наврасон ин нашрияҳоро бо завқ мутолиа мекарданд. Идораҳои ин нашрияҳо мактаби эҷодӣ буданд. Гулрухсор, Латофат Кенҷаева, Насим Раҷаб, Низом Қосим, Мавҷуда Ҳакимова, Нозирҷон Боҳирӣ, ин, асарҳои ӯ самимӣ, зинда ва хонданӣ ҳастанд.



*Зимни суҳбат Сафияи Носир ёди аёми ҷавонӣ карда, ба майдони адабиёт омаданашонро чунин нақл карданд:*

- Соли 1962, вақте ки донишҷӯйи курси сеюм будам, аввалин ҳикояи ман дар маҷаллаи "Садои Шарқ" чоп шуд. Он ба ман руҳияи ачиб бахшид. Ҳамин тавр, навиштаҳоямро ба рӯзномаву маҷаллаҳо мефиристодам. Он вақт рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" рубрикаи "Илҳом" дошт, ки дар он эҷоди навқаламон чоп мешуд. Дар ин гӯша чандин навиштаҳои шогирдонаи ман чоп шудаанд. Ҳатто боре дар як Ҷӯра Ҳошимӣ, банда ва дигар адибони номвар аз ин даргоҳ сабзидаанд,- мегӯяд Сафияи Носир.

### 55 сол дар як идора

Нависанда Насим Раҷаб низ зодаи Самарқанди бостонист. Баъди хатми Донишгоҳи давлатии Самарқанд бо ҳамсараш Сафияи Носир озими Душанбе шуда, дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳозира «Анбоз») ба кор пардохт ва 55 сол дар ҳамин даргоҳ содиқона хизмат кард. Ӯ бо ифтихор мегӯяд, ки "дар дафтарчаи меҳнатии ман фақат як ҷойи кор сабт шудааст".

Нахустин қиссаи ӯ - «Рӯзномае, ки бояд навишта мешуд» (1987) аз ҳаёту маънавиёти наврасон ҳикоя мекунад. Силсилаи қиссаҳояш - «Ҷонам фидои яхмос», «Фара, Фира, Зара», «Муаттар», «Муаллими кӯча», «Ошиқи ситорачашм», «Асрори боғи бобом», «Хонае, ки сӯяш мешитобам», «Муждае, ки интизораш набуд», «Ишқи духтари яҳудӣ» ва монанди инҳоро бачагону наврасони кишвар хуш пазируфтаанд.

Насим Раҷаб яке аз фидоиёни адабиёти бачагонаи тоҷик аст. Номбурда пайвандашро бо нависанда Сафияи Носир муваффақияти ҳаёташ медонад: "Оилаи мо оилаи зиёӣ аст. Ману ҳамсарам ҳарду эҷодкорем. Вақти барои ҳар як майда-чӯйда ҷангу ҷанҷол кардану ба ғайбату бадгӯии дигарон машғул шудан надорем. Зиндагӣ кардан бо зани босавод ачибу гуворо аст. Инро ман дар мисоли ҳаёти шахсии худам мегӯям. Хонаи мо як маҳфили хурди адабиро мемонад. Ману ҳамсарам шеърҳои шоиронро, ки мушикифона эҷод шудааст, хонда, байни худ муҳокима мекунем",- мегӯяд устод Насим Раҷаб.

### Давлати пирӣ

Ҳоло ин оилаи эҷодкор дар ҳалқаи фарзандону наберагон давлати пирӣ меронанд. "Се фарзанд - Зарифҷон, Орифҷон ва Мунисахон, 9 набера ва 6 абера дорем. Зиндагӣ дар паҳлуи наберагону аберагон ба мо руҳияи эҷодӣ мебахшад. Бинобар ин, ҳоло ҳам эҷод мекунем",- мегӯяд Насим Раҷаб.

"Барои бачаҳо навиштан масъулияти бештар дорад. Асари бачагона бояд тарбиявӣ ва шавқовар бошад. Илова бар ин, бояд дунёи рангини кӯдакону наврасон дар он инъикос шуда, барои рангин кардани ҷаҳонбинии кӯдакону наврасон мусоидат намояд. Беҳуда Максим Горкий нагуфтааст, ки барои бачаҳо ҳам мисли калонсолон асар навиштан лозим, фақат каме беҳтар...",- мегӯяд Сафияи Носир.

Сафияи Носир феълан китоби навашро ба чоп омода мекунад, ки дар он романи "Заркосаи лабшикаста" ва ҳикояҳои наваш дохил шудаанд. Дар ин кор Насим Раҷаб маслиҳатгару кумакрасонаш аст.

**Уғулой ҚУТБИДДИНЗОДА,**
**"Тоҷикистон"**



## САРОЯНДАИ "ПИЁЛА" ВА "ЧОЙИ КАБУД" 84-СОЛА ШУД

**Неъматҷон Дӯстматов - Ҳунарманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бозингари ҳамешафаъоли Театри мазҳака ва мусиқии ба номи Камоли Хуҷандӣ ба синни мубораки 84-солагӣ расид.**

Ин ҳунарманди хушном ва овозхони хушкалом санаи 10-уми апрели соли 1938 дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Ӯ соли 1955, пас аз хатми мактаби рақами 4-и ба номи Маъдан ба Институти театрии ба номи Луначарскийи шаҳри Москва дохил шуда, соли 1960 онро хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар Театри ба номи Пушкини шаҳри Хуҷанд (ҳоло Театри мазҳака ва мусиқии ба номи Камоли Хуҷандӣ) ба кор шуруъ карда, то соли 1962 онҷо ҳамчун ҳунарманд фаъолият дошт. Аз соли 1962 то 1965 дар Театри ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ҳамроҳ бо ҳунармандони маъруф ва номовари тоҷик, ситораҳои саҳна ва муаррификунандагони миллати тоҷик Маҳмудҷон Воҳидов, Ато Муҳаммадҷонов ва Майрам Исоева фаъолият карда, аз соли 1965 то ҳол дар Театри мазҳака ва мусиқии Камоли Хуҷандӣ ҳунарнамоӣ мекунад.

Неъматҷон Дӯстматов дар якчанд намоишномаҳо ҳамчун бозингари марказӣ нақш офарида, ба гирифтани мукофотҳои давлатӣ сарфароз гаштааст. Соли 1974 Неъматҷон Дӯстматов сазовор ба унвони Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон гардидааст. Замони шуҳрату фаъолияти пурсамараш дар давroни Шӯравист, вале дар замони истиқлолият 10 сол дар Русия зиндагиву кор кардааст.

Бештар бо овозхониву сарояндагиаш ҳам мардум то ҳол дӯст медоранд ва ба маҳфилҳо даъват мекунанд. Сурудҳои пуршунавандааш "Пиёла", "Чойи кабуд", "Ёдат барам", "Хонаободам, куҷоӣ?", ҳиндӣ ва таронаҳои "Шашмақом" аст.

Ҳамсараш Хосият Дӯстматова, ҳунарманди пуровозаи тоҷик чанд сол қабл вафот карда буд ва соҳиби 5 фарзанди баркамол аст.

Як маҳбубияти ин ҳунарманд асосан дар он аст, ки бо шикастҳои зиёди зиндагониву ҳаётиаш ҳамешаҷавон аст ва дар ин синну солаш пайваста ҳунарнамоӣ мекунад. Яке аз охирин нақшофариаш ҳамчун падари хонавода дар клиптаронаи Дамирбек Олимов бо номи «Омадӣ» сабт шудааст. Мо ба ин марди ҳунар дар ин рӯзҳои бобаракати рамазонӣ умри дароз ва илҳоми саршори эҷодиро таманно мекунем.

**М. ФАРЗОН**

# ПАРАЗИТҲОИ ИЛМ, ЭЪТИРОФИ ОСИМӢ ВА СУҲБАТ БО ЛАТИФӢ

## Дар дидор бо Анвар Абдурасулов, ректори собиқи донишгоҳи техникии Тоҷикистон

Рӯзи шанбеи ҳафтаи гузашта ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ корафтода шудам. Аз роҳрав мегузаштам, ки бинам, дари утоқи собиқ ректори донишгоҳ Анвар Абдурасулов кушода аст. Ногоҳ назари устод ба ман афтод:

- Биё журналист! Чӣ ҳол дорӣ?

- Хуб,- гуфтаму паҳлу гузашта, нишастам.

- Ман рӯзномаи "Тоҷикистон"-ро ҳамеша мехонам. Нисбат ба кормандони он низ баъд аз як вохӯрӣ, ки соли 2012 ба идораи рӯзнома даъват кардед, эҳтиром дорам, - гуфт нобурда.

Бо устод Анвар Абдурасулов суҳбати тӯлонӣ доштем. Аз чӣ гуна таъин шудан ба вазифаи ректори донишгоҳ, ҳамкорӣ бо академик Муҳаммад Осимӣ, дидор бо Отахон Латифӣ... то вазъи омӯзиши фанҳои дақиқ...



### Дар қабули Президент

- Соли 2005 дар Институти физика ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул будам. Аз Дастгоҳи иҷроияи Президент занг зада, гуфтанд, ки соати 2 ҳозир шавам. Рости гап, ягон маротиба ба он ҷо нарафта будам. Намедонистам, ки чӣ гуна ба онҷо ворид шавам. Вақте ки ба Дастгоҳ омадам, иҷозатномаи ворид шуданро надоштам. Хеле дар хиҷолат мондам. Ҳайдар Одинаевро, ки он замон сардори Раёсати илм ва маориф дар Дастгоҳ буд, мешинохтам. Ӯ омад ва маро аз назди посбон ба утоқи Абдуҷаббор Азизов, ки он замон Ёрдамчии Президент оид ба масоили кадр буд, роҳнамоӣ кард. Чанд нафари дигар, аз ҷумла, Саидмуҳаммад Одинаев, Карроматулло Олимов, Абдуҷаббор Раҳмонов дар утоқи ӯ нишаста буданд. Ҳамон рӯз маҷлиси Ҳукумат шуда, чанд масъалаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баррасӣ гардида, ректори он зери интиқод қарор гирифтааст. Баъдан, соати 12 тасмими барканории Ҳайдар Сафиев аз вазифаи ректори донишгоҳ гирифта мешавад. Соати тақрибан 13:00 ба ҷойи ӯ Саидмуҳаммад Одинаевро ректор таъин мекунанд. Он замон ӯ ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ буд. Ба ҷойи ӯ, намедонам, аз рӯи кадом меъёрҳо номзадии маро пешбарӣ мекунанд. Худам хабар надоштам.

Баъд Абдуҷаббор Азизов як китоби ёддошт ва ручкаеро ба дастам доду таъкид кард:

- Назди Президент медароем.

Ҳайрон шудам. Чӣ гуфтанро надонистам. Бо Карроматулло Олимов ва Абдуҷаббор Раҳмонов ва чанд нафари дигар ҳамроҳ дар кабинети алоҳида нишаста будем. Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон даромад. Аз ҷой бархостем, баъди салому алейк пурсупос кард. Аввалин шуда Саидмуҳаммад Одинаев аз ҷой бархест. Президент бо вуҷуди баъди маҷлис баромадан, хеле оромона ҳарф зад.

- Ҳозир дар маҷлис масъалаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баромад. Масъала хеле баҳсталаб аст. Хостем, ки ректори донишгоҳро иваз кунем, - гуфт Сарвари давлат ва ба Одинаев рӯ оварда, афзуд:

- Шуморо ба онҷо мегузаронем.

Навбат ба ман расид. Ба аҳли толор рӯ оварда, гуфт, ки "ин касро мешиносед?". Дар ҷавоб бале гуфтанд. Президент аллакай дар бораи ман маълумот доштааст. Гуфт: "Софдилона кор кунед, кор пеш меравад". Баъдан супориш шуд, ки маро ҳам ба ҳайати Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба сифати ректор муаррифӣ кунанд. Ин моҳи декабри соли 2005 буд. Инак, аз он замон қариб 17 сол сипарӣ шуд.

Баъд аз баромадан ба синни нафақа боз чандин сол кор кардам. Чанд бор аз вазири маориф хоҳиш кардам, ки пешниҳод намояд, то ба ҷойи ман ягон кадри ҷавонтар биёяд. Розӣ нашуд. Гуфт: "Ин интихоби Президент аст". Дар маҷмуъ, 8 сол ректори донишгоҳ будам, - қисса кард Анвар Абдурасулов.

### Паразит ва чанд бохти низоми кредитӣ

Анвар Абдурасулов гузаштан аз низоми анъанавӣ ба низоми кредитии таълимро ба ёд оварда, мегӯяд:

- Аслан, аз аввал гузаштан ба низоми кредитӣ чандон розӣ набудам. Медонистам, ки оқибат душворӣ меорад. Якум, низоми 5-сола хуб ва донишҷӯи болаёқатро имкони интихоб буд. Барои донишгоҳҳо аз нигоҳи иқтисодӣ манфиатовар буд. Танҳо аз як курс наздик ба 1 миллион сомонӣ даромад меовард. Дуюм, барои таҳсили босифати донишҷӯён. Зеро, ҳоло таҳлил мекунем, ки нақшаи қабули магистратура дар муассисаҳои олии мо дуруст иҷро намешавад. Умуман, 50 фоизи ҳолати имрӯзаро пешгӯӣ карда будам. Волидайни донишҷӯён мегӯянд, ки аҳвол бад аст: пештар 1-2 маротиба имтиҳон месупориданд, ҳоло 5-6 маротиба. Донишҷӯёни фаъол даъво доранд, ки баҳои дуруст гирифта наметавонанд. Зеро донишҷӯёне, ки дар дарс иштирок накардаанд, соҳиби баҳои баланд мешаванд. Яъне, падару модар, донишҷӯён норозӣ ҳастанд. Дар баробари ин, омӯзгор ҳам изҳори нигаронӣ мекунад.

Ҳоло донишҷӯро хориҷ кардан мумкин нест. Пул дорад, аз пасаш чанд каси дигар, дастгирӣ мекунанд. Баъзе донишҷӯён савод надоранд. Ҳатто тасаввурот дар бораи одитарин чизҳоро надоранд.

Ҳозир 90 фоиз аз низоми нав розӣ нестанд.

Як назарияи Дарвинро бароятон мегӯям, ки онро "паразит" ном мебаранд. Яъне, хӯҷаин - ҳашарот аст. Ҳар як организм дар дохилаш боз миллионҳо паразит дорад. Чӣ фоиданоку чӣ зараровар, ҳама якҷо зиндагӣ мекунанд. Ҳар кадоме мехоҳад, ки ривоҷ ёбад. Як вақт ҳамон дарахт, яъне мононди дарахт пӯсидаву меғалтад. Ҳам дарахт нест шуду ҳам паразит. Системаи таълим ҳам чунин аст. Вақте ки ҳар кас ба ҷониби худ мекашад, оқибати ногувор дорад.

### Дар шинохти Осимӣ ва Латифӣ

- Соли 1976. Як мактаби махсуси тиҷрибаомӯзӣ аз фанҳои физика, математика буд, ки академик Муҳаммад Осимӣ роҳбарӣ мекард. Ҳар тобистон олимпиада дар яке аз лагерҳои пионерӣ мегузашт. Дар ин ҷо бачаҳои болаёқат ва ғолибони олимпиадаҳо ҷамъ оварда мешуданд. Боре олимпиада дар истироҳатгоҳи "Чайка"-и Варзоб гузашт. Намояндагони қишрҳои фаъоли ҷомеа, аз ҷумла элитаҳо, ба мононди Ҳошим Гадо, Гулрухсор, Отахон Латифӣ ва дигарон ҳар гоҳ мерафтанду назорат мекарданд. Дар майдони кушоде нишаста будем. Аз номи муаллимон ба ман навбати баромад расид. Он вақт телевизор набуд, фақат радио фаъол буд. Баромадро чунин сар кардам ва дар хотирам мондааст:

- Дирӯз аз радиои "Маяк" шунидам, ки ровӣ ба ҳамин мазмун мегуфт:

"Норвегия иқлими сахт дорад. Ҳеҷ боигарӣ надорад. Ягона дорояш куҳҳои барфпӯш ва яхбаста аст. Тобистон об шуда, ба ҷониби баҳр меравад. Манбаи калони гидроэнергетикӣ, мардуми ҳунарманд дорад, ки саноати энерготалаб сохта, қариб 25 сол боз сатҳи иқтисод ва зиндагии мардумашро дар ҷои аввал нигоҳ дошта истодааст".

Гуфтам, ки онҳо аз нигоҳи захираҳои гидроэнергетикӣ қариб ба Тоҷикистон баробаранд. Тоҷикистон як иқлими биҳиштосо дорад, ки ниҳоли хушкро шинонӣ, месабзад. Таги поятро камтар кобӣ, чизе меёбӣ. Аммо сатҳи зиндагиамон паст аст. Барои чӣ? Ана, ҳамон мардуми донишманд нест. Шумо, ки бачаҳои лаёқатманд ҳастед, аз давлатҳои пешрафта омӯзед, дар кишвари худ тадбиқ кунед.

Баъд як марди қадбланди сабзинарӯй наздам омаду вохӯрӣ ва худро муаррифӣ кард:

- Ман Отахон Латифӣ, корреспонденти "Комсомолская правда". Ба андешаи шумо ҷонибдорам.

Академик Осимӣ инсони донишманд ва маорифпарвар буд. Президенти Академияи улум буд. Як рӯз ҳаво хунук, дар роҳ мегузаштам, ки мошине нигоҳ дошт. Аз дохилаш Осимӣ фаромад. Ҳолпурсӣ кардем ва корро пурсид. Гуфтам, ки дар факултети физика кор карда истодаам. Зуд-зуд Академия рафта меистам. Баъд гуфт:

- Тоқат кун, замона нағз мешавад.

Бо ҳамдигар хайрухуш кардем. Ногоҳ як назар ба пушт кардам, ки ҳоло ҳам сари роҳ Осимӣ истодааст. Боз гашта омад.

Пурсидам:

- Устод, ягон хизмат буд?

Лаҳзае ба фикр фурӯ рафту гуфт:

- Ҳамон давра шумо ҳақ будед, аммо замон дигар буд.

Моро сари чанд масъала сарзаниш карда буд. Ҳамон ба хотираш расидааст. Яъне, медонисту аз рӯи замона кор мекард.

Ин лаҳза солҳои 90-ум, тақрибан як ҳафта пеш аз маргаш буд,- ёдовар мешавад Анвар Абдурасулов.

...Суҳбат бо Анвар Абдурасулов тӯлонӣ буд, ёддоштҳои дигарро дар фурсатҳои мувофиқ хоҳам навишт.

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
**"Тоҷикистон"**

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

Эълонҳои бештар дар



ARZON.TJ

## ФУРӮШИ ХОНАҲО

► Фурӯши хона ва Бӯстонсарой

► 4-ҳуҷрагӣ, қабати сеюми бинои панҷошёна, таъмиршуда, бо ҳамаи шароитҳояш, суроға: Профсоюз, кӯчаи А. Ғуломов 20/1, нархаш 62 000 в.ш. (бо сомонӣ). Тел: 888-78-77-77.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Бӯстонсарой дар шаҳри Вахдат, трасса Ромит, уч. Тангаи. Тел: 904-510-370.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чортеппа, кӯчаи Арбобхотун, хонаи 368 ба номи Сайдалиев Рахмонали, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи сеюми Каратегинский, хонаи 47-48 ба номи Абдулаев Нарзуло, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро ДДТТ ба номи А. Сино соли 2016 ба Ҳайдаров Илҳомджон Алиджонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А00359316-и гумшуда, ки онро ШВКД-и шаҳри Турсунзода 15.12 соли 2015 ба Тахиров Иброхимбек Мухторалиевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми АБ№292957-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и шаҳри Норак соли 2001 ба Отамародов Шарафҷон Хоҷамуродович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба Абдураҳмонов Сироҷиддин Ҷураевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро ДДТТ ба номи А. Сино соли 2016 ба Ҳайдаров Илҳомджон Алиджонович додааст, беэътибор дониста шавад.

№0066169 бо рақами бақайдигирии №365-и гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ДДОТ ба номи С. Айнӣ 25-уми октябри соли 2012 ба Пиримшоева Идимоҳ Давлатшоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Файзова Соро Музаффаровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Сафарова Сарвиноз Имомалиевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Ҳабибаи Шомурод додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Саидова Гулбаҳор Илҳомҷоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтмиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Ғаюрова Маҳина Сатторовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01327742, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 06.08 соли 2018 ва ҳуҷҷати ронандагӣ, ки соли 2020 ба Авазов Муҳаммад Сангинбоевич дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Дипломи №542343-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи №55 бо ихтисоси кондитер соли хониши 89-92 ба Ибрагимова Ольга Восеевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Файзова Соро Музаффаровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Саидова Гулбаҳор Илҳомҷоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Ғаюрова Маҳина Сатторовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01327742, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 06.08 соли 2018 ва ҳуҷҷати ронандагӣ, ки соли 2020 ба Авазов Муҳаммад Сангинбоевич дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Дипломи №542343-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи №55 бо ихтисоси кондитер соли хониши 89-92 ба Ибрагимова Ольга Восеевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Файзова Соро Музаффаровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Саидова Гулбаҳор Илҳомҷоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтмиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Ғаюрова Маҳина Сатторовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01327742, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 06.08 соли 2018 ва ҳуҷҷати ронандагӣ, ки соли 2020 ба Авазов Муҳаммад Сангинбоевич дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Дипломи №542343-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи №55 бо ихтисоси кондитер соли хониши 89-92 ба Ибрагимова Ольга Восеевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Файзова Соро Музаффаровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Асадулло Ғуломов 38, ҳуҷраи 6 ба номи Рақабова Фарзона Икромовна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос ва шаҳодатномаи соҳибкории инфиродӣ ба номи Садыков Абдулложон Чамшедович, №0255314, РЯМ: 0130138874, РМА: 045676165-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 02.11 соли 2016 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А02279246, ки онро ШВКД-и ноҳияи Ишкошим 18.07 соли 2019 ва ҳуҷҷати ронандагӣ №А0772500-и гумшуда, ки онро ШБДА ВКД шаҳри Хоруғ 23.07 соли 2019 ба Одинаев Манучеҳр Одинаевич додааст, беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи хориҷии №403248832-и гумшуда, ки ба шаҳрванди Тоҷикистон Ҳайдарова Миҷгона Икромовна соли 2020 дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи 40-солагии Тоҷикистон 41/2 ба номи Каримов Мукарам Ҷумаевич, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Ду шаҳодатномаи категорияи С №20210102891 ва Д №20210109123-и гумшуда, ки мактаби ронандагии ҶДММ “Мадади Сомон”-и шаҳри Бохтар соли 2021 ба Пирназаров Фирдавс Холмуродович додааст, беэътибор дониста шаванд.

0210010790, РМА: 020020415, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сомонӣ соли 2006 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира ва шиносномаи техникии квартира, ки ба Шокирова Гулзор тааллуқ дорад, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, хонаи 21/8, ҳуҷраи 37, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ таҳти феҳрести 23-Д-3 - 607 аз 17.11.1994 тасдиқ карда шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01909395-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансур 30.05 соли 2019 ба Худоёрова Гулнигор Мавлоёровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми ШМА №0024019-и гумшуда, ки онро муасссиаи таҳсилоти миёнаи умумии №59-и ноҳияи Сино соли 2004 ба Собиров Азамат Зайдуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи М. Турсунзода 38/1, ҳуҷраи 1 ба номи Махмадалиев

феҳрести №8Ш-3475-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино 11-уми сентябри соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон 1, М 11, хонаи 5, ҳуҷраи 33 ба Рузиева Мавзуна Мустафакуловна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ивази квартира ба квартира бо реестри №8Д-3059-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии сеюми шаҳри Душанбе 05.08 соли 1996 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи С. Шерозӣ, хонаи 31, ҳуҷраи 104 ба Нарзуллаева Майннисо Самадовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи мубодилаи квартира бо квартира таҳти феҳрести 8Д-3826 аз 27.09.2004, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳисор, хонаи 28, ҳуҷраи 10 ба Файзов Убайдулло додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи қисми хонаи истиқоматӣ аз номи Шукуров Камол Носирович ба номи Шукурова Ҷамиля Камоловна бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи

синфи ёздаҳуми №160412-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №58-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 1991 ба Рябиникова Ирина Владимировна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти прапоршикӣ, ки аз тарафи Қӯшунҳои сарҳадии ҚДАМ ҶТ моҳи марти соли 2020 ба номи Отамшоев Алиназар Отамшоевич дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ “КФТ 19-ум Корпоратсияи Хитой оид ба сохтмони роҳи оҳан” №0266508, РЯМ: 0410026174, РМА: 040046684 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► Филиали Ташкилоти ҷамъиятии “Ассотсиатсияи зиёиёни илмӣ-техникии Тоҷикистон” дар шаҳри Душанбе, рақами қайд 142 “Б” Ф/Н, ВАТҶ №0000922, РМА: 020039056, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати як моҳ қабул карда мешаванд.

**JOB VACANCIES**

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, good governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

Empowered lives. Resilient nations.

**UNDP TAJIKISTAN IS SEEKING TO RECRUIT:**

- **Project Associate; Duty Station: Khujand;** deadline for applications: **21 April 2022**


For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website: **www.tj.undp.org > Operations>Job.** Applications without the completed online application form will be treated as incomplete and will not be considered for further assessment. To stay updated on our Vacancy Announcements please join us on Facebook: **http://www.facebook.com/pages/RecruitmentUNDP-Tajikistan**

# Толеънома



## Ҳамал
*21.03 - 20.04*

*Ҳафтаи нав ситораҳо ба зодагони бурҷи ҳамал имкони амалӣ намудани орзуҳояшонро медиҳанд. Шахсоне пайдо мешаванд, ки дар ба даст овардани барор бароятон мадад мерасонанд. Сешанбе ба ҳассосият дода шуда, рухафтода нашавед.*



## Савр
*21.04 - 21.05*

*Ин ҳафта шуморо ду хабар интизор аст. Бештар ба хабари хушаш диққат диҳеду нохушашро мардонавор қабул кунед. Даромади пулӣ охири ҳафта дар назар аст. Маблағро эҳтиёткорона сарф кунед, вагарна ба зудӣ бе пул мемонед.*



## Ҷавзо
*22.05 - 21.06*

*Ҳафтаи нав бароятон як қатор душвориҳоро пеш меорад. Бемор шудани шахси наздиктаринатон фикру хаёлатонро банд мекунад. Беҳуда зиқӣ накунед, оқибати хуб надорад. Беҳтараш барои ташхису табобаташ кумак кунед. Миёнаи ҳафта аз хастагии зиёд асабӣ мешавед.*



## Саратон
*22.06 - 23.07*

*Ин ҳафта барор ҳамсафаратон хоҳад шуд. Ҳар коре, ки оғоз мекунед, бобарор анҷом меёбад. Дар коргоҳ каме нофаҳмӣ пеш меояд, сабукӣ накунеду масъаларо дар тарозуи ақл баркашед. Ошиқатонро барои беаҳамиятиаш сарзаниш намуда, эътироз баён мекунед.*



## Асад
*23.07 - 22.08*

*Дар ҳалли масъалаҳои муҳим саросема нашаведу ҳар қадаматонро доништа гузоред. Якравию барқасдкорӣ бар зарари худи шумо хоҳад шуд. Даромади пулӣ ин ҳафта шуморо дар назар нест. Аз ин рӯ, пули дар киса бударо беҳуда сарф накунед.*



## Сумбула
*23.08 - 22.09*

*Муносибатро бояд бо ҳамкорон ва шахсоне, ки пешравии коратон ба онҳо вобастагӣ дорад, қавӣ гардонед. Сешанбе сар задани мушкилоти пулӣ имкон дорад. Нимаи дуюми ҳафта нафарони муҷаррадро вохӯрии аҷибе дар назар аст.*



## Мизон
*25.09 - 22.10*

*Ҳафтаи нав пур аз хабарҳои аҷибу хурсандиовар аст. Болоравӣ дар вазифа низ зодагони бурҷи мизонро дар назар аст. Аммо дар тиҷорат пеш омадани баъзе душвориҳо ва нофаҳмиҳо боиси сар задани моҷарою нофаҳмиҳо бо шариконӣ корӣ мегардад.*



## Ақраб
*23.10 - 22.11*

*Ин ҳафта тағйироти куллӣ ҳам дар ҳаёти шахсӣ ва ҳам дар касбу кор дар назар аст. Шахсе пайдо мешавад, ки аз ҷиҳати молиявӣ дастгиратон хоҳад гашт. Муносибатҳои ошиқонаю оилавӣ ин ҳафта гарму саршори меҳру муҳаббат хоҳанд буд.*



## Қавс
*25.11 - 21.12*

*Ин ҳафта саъю кӯшишатон танҳо ва танҳо барои ободу зебо гардонидани манзили зистатон хоҳад буд. Албатта дар танҳоӣ аз уҳдаи ин корҳо баромадан амри маҳол аст. Аз кумаки наздиконатон истифода баред. Корҳои муҳимматонро ба ҳафтаи дигар гузоред.*




## Ҷаддӣ
*22.12 - 20.01*

*Минбаъд қабл аз он ки ба ягон ҳуҷҷат имзо мегузоред, бодиққат бошед, то бо дасти худ ба саратон бало наоред. Сешанбе моҷарое сар зада, боиси озурдагӣ ва бад шудани вазъи саломатиатон хоҳад гашт. Коратонро як тараф гузореду аз пайи ташхису табобат шавед.*



## Далв
*21.01 - 19.02*

*Ин ҳафта ташвишу мушкилоти зиндагӣ шуморо хастаю дилшикаста хоҳад кард. Сешанбе дар дилатон шавқи ба кори дигар гузаштан пайдо мешавад, вале саросемагӣ накунед, ситораҳо алъон иваз кардани ҷои корро ба далвҳо тавсия намедиҳанд.*



## Ҳут
*20.02 - 20.03*

*Ин ҳафта ҳутҳо бояд бештар ба саломатияшон аҳамият диҳанд. Хуруҷ кардани бемории музмин шуморо нороҳат мекунад. Миёнаи ҳафта байни шумо ва дӯсти наздикатон каме нофаҳмӣ пеш омада, ҷанҷол сар мезанад. Даромади пулӣ ин ҳафта дар назар нест.*



# ХУРМО

## 5 фоида ва як зарари он

**Хурмо яке аз меваҳои маъмул дар дастархони рамазонии ҳар як мусалмон аст. Мегӯянд, ки Паёмбари Ислом (с) бо хурмо рӯза мекушодаанд. Дар ин матлаб оид ба фоидаву зарари хурмо ба шумо маълумот медиҳем.**

Хурмо меваи машҳур ва маълум аст. Миҷози ин самар дар дарачаи дувум гарм ва дар якум хушк аст. Ҳангоми ифтор 2-4 дона истеъмол кардани хурмо ва ҳангоми саҳархӯрӣ низ 2-4 дона хӯрдани он имкон медиҳад, ки ҳангоми рӯзадорӣ нерӯманд бимонед.

*Хислатҳои шифобахши он:* ҳамчун ғизо пуркувват аст, аз он дар бадан хуни устувор пайдо мешавад; барои иллатҳои фалаҷ, каҷ шудани рӯй ва мондагӣ дармон мешавад; гурдаи лоғарро қавӣ мегардонад, баданро фарбеҳ мекунад, барои одамони сардмиҷоз қуввати беҳ мебахшад ва бемориҳои аз сардӣ бааломадаро нафъ дорад, дарди камарро дафъ месозад, буғумҳои баданро мулоим мегардонад; барои узвҳои даруни сина ва шуши сардмиҷозон мувофиқ ва форам аст.

*Тарзи истеъмоли Хурмо*

1. Хурморо дар об ҷӯшонида, он обро бо ҳулба биёшоманд, таби балғамиро дафъ мекунад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад.

2. Агар оби хурморо бо биринчи пухтагӣ бихӯранд, одамони лоғарро фарбеҳ мегардонад.

3. Хурморо як шабонарӯз дар шири навдӯшида, хусусан бо дорчинӣ тар карда, баъд бихӯранд ва аз болои он боз шири навдӯшида биёшоманд, боҳро қавӣ мегардонад, лекин вазнин ва дерҳазм аст, дар узвҳои бадан гирехҳо пайдо мекунад.

4. Тухмашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Агар онро чун орд маҳин кӯфта, бихӯранд, исҳолро мебандад ва ҳатго дарунро сахт мекунад.

5. Агар донаки он, яъне тухмашро сӯхта, ос карда, ба решҳои хабиса (злокачественные язвы) бипошанд, сиҳат мебахшад. Ин сӯхтаи онро кӯфта, дар об шуста, хушк карда, ба ҷароҳатҳои нав бипошанд, шифо мебахшад ва инро чун сурма ба чашм кашанд, намегузорад, ки мижаҳо бирезанд, шилпуқии чашмро ба ибро меоварад, чашмро тез мекунад, захмҳои чашмро дафъ мекунад ва худи чашмро сиёҳ мегардонад.

*Таъкид!*

1. Зиёд хӯрдани хурмо барои одамони гарммиҷоз зарар дорад.

2. Одамони мамлакатҳое, ки дар он ҷо хурмо намерӯяд, набояд онро бисёр истеъмол фармоянд. Зеро дар бадани онҳо хилти савдо пайдо мекунад, дар ҷигарашон гирехҳо ба амал меоварад, таб мегиронад, хунро месӯзонад, ахлоти баданро бадбӯй месозад, дарди сар медиҳад, дар даҳон ҷӯшиш пайдо мекунад, чашмро ба дард меоварад, ба дарди дандон гирифтор менамояд. Дар ин ҳолатҳо оби анор, сиканчабин (сиркоасал), равғанҳо ва бодоми ширин истеъмод намоянд, зиёнаш ислоҳ меёбад. Инчунин, баъди хурморо хӯрдан даҳонро бо об бишӯянд, хуб аст.


# ПИЁЗИ КАБУД - КОНИ ВИТАМИНҲО

**Пиёзи кабуд азбаски аз моддаҳои калий ва каротин бой аст, кори дурусти мушакҳои дилро таъмин мекунад, аз бадан моеъҳои зиёдатиро хориҷ менамояд. Пиёз инчунин барои солим ва мустаҳкам нигоҳ доштани дандонҳо хеле муфид аст.**

Пиёз таомро ҳазм карда, рехтани мӯйро пешгирӣ мекунад. Миқдори зиёди руҳ дар пиёзи кабуд вазъи мӯй ва нохунҳо, инчунин фаъолияти системаи иммуниро беҳтар мекунад.

Пиёзи сабз дорои миқдори зиёди витаминҳо аст. Дар 100 грамм кабудӣ гуруҳи витамини В, калтсий, руҳ мавҷуд аст.

Витамини А барои нигоҳ доштани зебоӣ ва саломатии пӯст кумак мекунад, равандҳои пиршавиро бозмедорад, рагҳои хунро чандиртар мекунад. Он антибиотики табиӣ мебошад, ки иммунитетро афзоиш медиҳад. Хӯрдани пиёзи кабуд хавфи пӯсидани дандон, стоматитро коҳиш медиҳад. Он дорои зеаксантин ва лютеин мебошад, ки барои солимии чашм муҳим аст. Истеъмоли кабудиҳо - пешгирии хуби бемориҳои чашм мебошад.



# ҚАЛАМИ СУРХИ МАҲМАДАМИНОВ

**Одатан қалами сурхро барои ислоҳи матн истифода мекунанд: онро ғалатбарор ҳам мегӯянд. Каси таҳриркунанда матнро бодиққат хонда, хатоҳояшро дар ҳошияи коғаз бо ҳамин ранг ишора мекунад. Ҳоло замона дигар ва қалами сурх ҳам қариб нодаркор шудааст, роёна ин корро осон ва бо сарфи ками вақт иҷро мекунад. Насли нав, агарчи ба сатҳи муҳаққиқу олим расида бошад ҳам, бо ин қалам сарукор намегирад. Ҳамин қишри аз шаст боло то ҳанӯз ба ин қалам содиқ мондааст, гарчи бархе бо роёна кор карда тавонанд ҳам, аввал матнҳоро бо қалами сурх дуруст мекунанд ва сипас ба чоп месупоранд…**



Устод Абдулҳай Маҳмадаминов аз гуруҳи олимонест, ки қалами сурх барояшон арзиши рамзро дорад: рамзи эҳтиром ба касби таҳқиқгарӣ ва покизагии кору сухан. Ҳар донишмӯз ва ё навмуҳаққиқ (аспирант, коромӯз) ва ё касе, ки рисолаашро оварда, рӯ ба рӯйи мизи устод менишинад, ҳолдонҳо барояш “сабри ҷамил” орзу мекунанд... Бояд як - ду соат нишаста, интизори “сурхкориҳо”-и устод бишавад. Лутфулло Шарифзода ном шогирдаш, ки як-ду ҳафта қабл рисолаашро аз кафедра, аз баррасии устодон гузаронд, боре ба банда гуфт, ки як мақолаашро 8 маротиба аз нав навишт, то ин ки ба устод писанд шавад... Фарзона ном шогирди дигараш таърихи нашри мақолаи аввалини илмиашро шаш моҳ гуфт: “Тӯли 6 моҳ ҳамин як мақола дар даст меомадам, устод ислоҳ карда, иловаҳо мефармуданд ва мерафтам ба китобхона. Дафъаи дигар боз дар иловаҳои нав хато меёфтанд, коғазро аз ранги сурх “лолазор” мекарданд ва ман боз мерафтам бо сари хаму қалби ғамгин... Билохира, дар моҳи шашум мақола омода шуд ва устод фармуданд, ки ба маҷалла барам, ҳатман чоп хоҳанд кард...”.

Мисли он ки дар муносибат бо дафтару китоби мардум дақиқкоранд, ҳамчунон дар кори илмии хештан ниҳояти масъулият доранд. Муаллифи беш аз 30 китоб ва 450 мақола буда, таълифоташон ба таърих ва назарияи адабиёт, нақди адабӣ, матншиносӣ, китобшиносӣ, сарчашмашиносӣ, тарҷума, равобити адабӣ, фолклоршиносӣ ва луғатшиносӣ бахшида шудааст. Дар фаъолияти илмии ин кас таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги навини тоҷикӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, рӯзгор ва осори устодон Айниву Лоҳутӣ, Абдурауфи Фитрат, Мирзо Турсунзода, Раҳим Ҳошим, Алӣ Хуш, Сомеъи Одиназодаи Хатлонӣ, А. Муҳиддинов, А. Алиев, Ҳ. Бақозода, Ш. Ҳусейнзода, М. Шакурӣ ва дигар чеҳраҳои адабию фарҳангӣ мавқеи хоса дорад. Рочеъ ба тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ беш аз 100 мақола ва 4 монография - «Поиски истины» (1994), «Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ» (1998), «Айнишиносӣ ва замони ҳозира» (2005), «Садриддинхоҷаи Айнӣ ва сарнавишти тоҷикон» (2008) ба табъ расонидаанд.

Дар натиҷаи ҷустуҷуҳои чандинсола устод Маҳмадаминов чандин ганҷинаҳои нодиру арзишманди адабию фарҳангиро пайдо намуда, матни илмию интиқодии китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии «Тартилу-л-Қуръон», «Таҳзибу-с-сибён», «Зарурийёти динийя», «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ, «Мухтасари таърихи ислом», «Мавлуди шариф ё худ миръоти Хайру-л-башар», «Мусулмонони Дорурроҳат», «Оила ё худ вазоифи хонадорӣ», «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ», «Қоидаҳои забони тоҷик (сарф ва наҳв)», «Раҳбари наҷот», «Намунаи ганҷи шойгон», «Бародари меҳрубон»-и Абдурауфи Фитрат, «Дафтари сабз»-и Сомеъи Одиназодаи Хатлонӣ, «Маданият ва вазоиф», «Шариати исломия ва тараққиёти мадания»-и Сайид Аҳмади Васлии Самарқандӣ, «Василату-н-наҷот»-и Муҳаммадҳусайни Ҳоҷиро омода ва ба зевари табъ оростаанд. Ба ҷуз инҳо, солҳои охир чанд рисолаи дигаре ҳам чоп кардаанд.

Нашри илмию интиқодии ҷилди сеюми Куллиёти Садриддин Айнӣ, ки осори таълимиашро дар бар мегирад, яке аз охирин корҳои устод Маҳмадаминов аст. Аз назари мутахассисон, ин ҷилд бехататарин ҷилди куллиёти Айнист. Сабаб ин аст, ки ҳар асари ин ҷилдро устод Маҳмадаминов дар алоҳидагӣ бо заҳмати зиёд ва бо назардошти тақозои илми матншиносӣ нашр карда, фикру маслиҳати аксар айнишиносонро гирифта буданд.

Устод китобдӯстдоре (библиофиле) ҳастанд, ки шояд назирашон камтар дучор ояд: аз чопи навтарин китобҳо ва матбуоти даврӣ огоҳанд ва ҳатман дунусхагӣ аз ҳар яке ба даст меоранд.

Умрашон дароз, дар бораи ин устоди донишманду ҳаққор зиёд навиштан мумкин. Зиндагиву фаъолияташон як китоби омӯзанда аст.

**Ҳафиз РАҲМОН,**
**адабиётшинос**

## *Тақвими* ТОҶИКИСТОН

**15 АПРЕЛ**

**ТОҲИРӢ МУЛЛОЗУҲУР** (1952), 70-солагии зодрӯзи табиб, шоир.

**ЗАЙНИДДИН ДӮСТМАТОВ** (1932-2007), 90-солагии зодрӯзи тарҷумон, олими соҳаи филология, нависанда.

**НОДИР ОДИЛОВ** (1932), 90-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

**АБДУҶАЛИЛ СОБИРОВ** (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**АҲРОР УМАРОВ** (1937-2002), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод, арбоби давлатӣ.

**ҚУРБОН ЁРОВ** (1937), 85-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Қорманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**16 АПРЕЛ**

**ҶӮРА ЮСУФӢ** (1957), 65-солагии зодрӯзи нависанда, журналист, Қорманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**СОЛЕҲҶОН ИБРОҲИМОВ** (1952), 70-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

**ШУКУР СУЛТОНОВ** (1932), 90-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**17 АПРЕЛ**

**МИХАИЛ ЗИНД** (1927), 95-солагии зодрӯзи шарқшинос, доктори илми филологӣ, профессор.

**МАҚСУДА САИДОВА** (1932), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**ИВАН РАЗИН** (1922-1945), 100-солагии зодрӯзи иштирокчии ҷанг.

**18 АПРЕЛ**

**БАҲОДУР ИСКАНДАРОВ** (1912-2014), 110-солагии зодрӯзи доктори илмҳои таърих, профессор, академик, Арбоби шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**19 АПРЕЛ**

**ЗАЙНАЛОБУДДИН КОБУЛИЕВ** (1962), 60-солагии зодрӯзи доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**ВЛАДИМИР БУЛАРГЕН** (1917-1989), 105-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

**РАФИҚА МУСОЕВА** (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисодӣ.

**20 АПРЕЛ**

**НЕЪМАТУЛЛО САЙФУЛЛОЕВ** (1942), 80-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

**ФОТЕҲ ҲАКИМОВ** (1937), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академик.

**21 АПРЕЛ**

**ФОРТЕ ВЛАДИМИР** (1902-1971), 120-солагии зодрӯзи санъатшинос, профессор, Арбоби ҳунари Тоҷикистон.

**РАЪНОХОН САЪДУЛЛОЕВА** (1967), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД.**
**Тел: 221-00-84**

# ХОНАНДАИ ТОҶИК СОҲИБИ 1 МИЛЛИОН ДОЛЛАР ШУД

**(Аввалаш дар саҳ.2)**




Дар идома ин пирӯзӣ боз ду толибилми литсейи номбурда Амирбек Зокиров ва Самандар Самандаров дар озмунҳои навбатии донишгоҳҳои Амрико ва Швейтсария ғолиб шуда, соҳиби 300 ҳазор доллар гранти омӯзишӣ гардидаанд. Бо дарёфти грантҳои омӯзишӣ ҳамакнун хонандагони болаёқат метавонанд дар Донишгоҳи Уолш (Walsh University)-и штати Огайои кишвари Амрико ва Донишгоҳи Франклини кишвари Швейтсария тариқи буҷавӣ таҳсил намоянд. Ин ду донишгоҳи маъруфи олам бо ирсоли мактуби расмӣ омодагии худро барои қабули хонандаҳои тоҷик эълон намудаанд. Лозим ба таъкид аст, ки донишгоҳҳои мазкур ба гурӯҳи донишгоҳҳои бонуфузи олам шомил буда, 4 соли омӯзиш дар ин донишгоҳҳо аз 120 ҳазор то 170 ҳазор доллар мебошад. Супоридани имтиҳон дар донишгоҳҳои бехтарини дунё тариқи эссе ва озмунҳои мухталиф сурат гирифта, яке аз талаботи асосии он донистани амиқи забони англисӣ ба шумор меравад. Бино бар гуфтаи Сурайё Неъматова, директори литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд, Амирбек Зокиров ният дорад дар оянда дар риштаи бизнес-идоракунӣ ва Самандар Самандаров дар риштаи IT - технология омӯзиш дида, баъди хатми донишгоҳ бахри пешрафти кишвар саҳми худро гузоранд. Гуфта мешавад, ки дар муассисаи таълимӣ тамоми имконият барои омӯзиши забони англисӣ фароҳам буда, бо азхудкунии забон хонандагон дар олимпиадаҳои сатҳи ҷаҳонӣ иштирок намудаву соҳиби ҷоизаҳои назаррас мегарданд.

ФУТЗАЛ

# ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН БА ҶОМИ ОСИЁ-2022 РОҲ ЁФТ

**Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон таҳти роҳбарии сармураббӣ Пайрав Воҳидов дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2022 дар минтақаи Марказӣ ва Ҷанубӣ дар гуруҳи «В» ҷойи дуюмро гирифт ва ба марҳилаи ниҳоии мусобиқа, ки тирамоҳи имсол дар Кувайт баргузор мешавад, роҳ ёфт.**



Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар бозии якуми мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2022 дар Бишкек бо тими миллии Афғонистон натиҷаро мусовӣ (4:4) кард, дар бозии дуюм ба дарвозаи дастаи Непал 11 гол зад ва дар охир аз Ӯзбекистон шикаст хӯрд.

Шогирдони Пайрав Воҳидов дар бозӣ бо Афғонистон бо ҳисоби 2:0 пешсаф буданд, вале баъдан ба дарвозаи худ чор тӯб сар доданд. Тоҷикистон дар охири бозӣ фишорро ба дарвозаи рақиб зиёд карда, бо шарофати дубли Идрис Ёров тавонист ҳисобро баробар кунад.

Дар бозии дигари гуруҳи «В» дастаи мунтахаби Ӯзбекистон бар тими Непал бо ҳисоби 5:1 пирӯз шуд.

11-уми апрел тими миллии Тоҷикистон бо Непал бозӣ кард. Дастаи Тоҷикистон бо натиҷаи 11:1 бар Непал пирӯз шуд. Қисми якуми бозӣ бо гули Непал оғоз шуд ва бачаҳои Тоҷикистон низ як гол заданд.

Бо ҳамин натиҷа қисми якум ба охир расид. Дар қисми дуюм футзалбозони Тоҷикистон 10 голи бечавоб заданд. Дар ҳамин давр Ӯзбекистон бо натиҷаи 5:1 Афғонистонро шикаст дод.

Дар даври сеюм футзалбозони тоҷик аз дастаи мунтахаби Ӯзбекистон бо натиҷаи 2:5 шикаст хӯрданд. Дар натиҷа бо чор имтиёз дар ҷадвал зинаи дуюмро соҳиб шуданд.

Дар ҳамин давр Афғонистон бо ҳисоби 8:1 Непалро мағлуб кард ва низ соҳиби чор имтиёз гардид, аммо зинаи сеюмро соҳиб шуд. Имтиёзи дастаҳои Тоҷикистону Афғонистон баробар буд, аммо шогирдони Пайрав Воҳидов бо таносуби бештари голҳо дуюм шуданд.

Ҳамин тавр, дастаҳои мунтахаби Ӯзбекистон ва Тоҷикистон аз гуруҳи «В» ба даври финалии Ҷоми Осиё-2022 роҳҳат гирифтанд.

ЛИГАИ ҚАҲРАМОНҲО

## ДУ ШИКАСТИ «ИСТИҚЛОЛ» ДАР ДУ БОЗИИ АВВАЛ

**Клуби футболи «Истиқлол»-и Душанбе, ки дар марҳилаи гуруҳии Лигаи қаҳрамонҳои КФО-2022 дар гуруҳи «А» бо дастаҳои «Ал Райян», «Шарҷа» ва «Ал Ҳилол» бозӣ мекунад, дар ду бозии аввали худ ба шикаст дучор шуд.**

«Истиқлол» дар бозии якум бо «Ал Райян» бо натиҷаи 2:3 мағлуб шуд. Голҳои «Истиқлол»-ро Шаҳром Сулаймонов ва легионери ӯзбекистонӣ Муҳаммад Исоев заданд.

Дар даври дуюм шогирдони Виталий Левченко бо дастаи «Шарҷа»-и Амороти Муттаҳидаи Араб бозӣ карданд. Чун бозии гузашта душанбегиҳо бо ҳисоби 1:0 пешсаф буданд, вале баъдан бартариро аз даст доданду бо ҳисоби 1:2 шикаст хӯрданд. Аз ҳайати «Истиқлол» голи ягонаро капитани даста Манучеҳр Ҷалилов ба нишон расонд.

«Истиқлол» бозии навбатии худро дар мусобиқаи пурнуфузи қораи Осиё рӯзи 15-уми апрел бо пешсафи гуруҳи «А», бошгоҳи «Ал-Ҳилол»-и Арабистони Саудӣ, ки дар оғози Лигаи қаҳрамонҳои Осиё-2022 пайиҳам ду пирӯзӣ ба даст оварад, анҷом медиҳад.



ҶОМИ ҶАҲОН-2022



## СЕ МЕДАЛИ ҶАВОНОНИ ТОҶИК АЗ ҶОМИ ОСИЁ

**Варзишгарони тоҷик дар Ҷоми ҷудои Осиё миёни наврасон ва ҷавонон, ки 5-8-уми апрел дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон баргузор шуд, се медал (як нуқра ва ду биринҷӣ) ба даст оварданд.**

Дар ин мусобиқаи анъанавии байналмилалӣ ҳудуди 500 варзишгар аз ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Гурҷистон ва Озарбойҷон иштирок карданд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ҳайати 9 нафар миёни наврасон ва 19 нафар миёни ҷавонон ба Тошканд сафарбар гардида, дар мусобиқа миёни ҷавонон ба гирфитани се медал даст ёфтанд.

Медали нуқраро Иброҳим Элмуродов дар вазни +100 кг ба даст оварад. Нуралӣ Эмомалӣ дар вазни -66 кг ва Масъуд Аҳмадзод дар вазни -73 кг сазовори медали биринҷӣ гаштанд.

## ДАР ДУШАНБЕ НИММАРАФОНИ 12-УМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРГУЗОР МЕШАВАД

**Рӯзи 16-уми апрел бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ниммарафони 12-уми байналмилалии Душанбе баргузор мегардад.**

Бо мақсади дар сатҳи баланд доир намудани чорабинӣ бо қарори раиси шаҳри Душанбе аз ҳисоби маблағҳои Фонди рушди пойтахт 611530 сомонӣ ҷудо гардидааст.

Нимарафон соати 09:00-и рӯзи 16-уми апрел оғоз гардида, дар он варзишгарон аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бародаршаҳрҳои Душанбе ва дигар хоҳишмандон ширкат мекунанд.

Нимарафони Душанбе аз соли 2010 дар Рӯзи пойтахт, ки шанбеи сеюми моҳи апрел таҷлил карда мешавад, баргузор мегардад ва соли 2013 ба тақвими мусобиқоти Ассотсиатсияи байналмилалии марафонҳо ва давҳо дар масофаи дур ворид гардидааст.

Аввалин бор Нимарафони байналмилалии Душанбе дар масофаи 21 километру 97,5 метр бо иштироки варзишгарон аз 14 бародаршаҳри Душанбе ва беҳтарин давандҳои Тоҷикистон баргузор гардид.

Имсол низ барои иштирок дар мусобиқа варзишгарон аз бародаршаҳрҳои Душанбе ва шаҳрҳои дӯсту ҳамкор даъват шудаанд. Ҳамчунин имсол наврасон низ имкони иштирок дар мусобиқаро доранд. Наврасони 8-10-сола дар масофаи 3 км, 10-12-сола дар масофаи 5 км ва 12-15-сола дар масофаи 8 км сабқат мекунанд.

Фонди ҷоизаҳои Нимарафони Душанбе имсол 446160 сомониро ташкил медиҳад. 6-гонаи аввал ҳам миёни мардҳо, ҳам миёни бонувон бо ҷоизапулӣ қадрдонӣ мегарданд.

Барои ҷойи якум 54600 сомонӣ, ҷойи дуюм 46800 сомонӣ, сеюм 39000 сомонӣ, чорум 31200 сомонӣ, панҷум 28080 сомонӣ ва шашум 23400 сомонӣ муқаррар шудааст.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

# ШАКАРХАНД

## Фалокат

Аз Афандӣ мепурсанд:

- Ҳодиса аз фалокат чӣ фарқ дорад?

Афандӣ ҷавоб мегӯяд:

- Вақте бо хушдоманат назди дарё меравӣ ва ногаҳон ӯ ба об меафтад, ин ҳодиса аст. Агар нохост ӯ наҷот ёбад ё нафаре пайдо шавад, ки ӯро наҷот диҳад, ана ин фалокат аст.

## Фариштa

Аз зане мепурсанд:

- Сабаби аз шавҳаратон ҷудо шудани шумо дар чӣ аст?

Зан мегӯяд:

- Мо аз нигоҳи динӣ ба ҳам мувофиқ набудем.

Боз мепурсанд:

- Чӣ хел?

Зан мегӯяд:

- Шавҳарам фаҳмидан намехост, ки ман фариштa ҳастам.

## Самолёт

Аз марди сигоркаше мепурсанд:

- Чанд сол аст, ки сигор мекашед?

Мард мегӯяд:

- 30 сол шуд.

Боз мегӯянд:

- Дар ин солҳо пули як самолётро ҷамъ мекардед!

Мард дар ҷавоб:

- Шумо сигор мекашед?

- Не...

Мард мегӯяд:

- Ин тавр бошад, самолётатон дар кучост?

## Сурудхонӣ

Модар ҳангоми хобонидани писарчааш суруд мехонад. Баъди 10 дақиқа писарак мегӯяд:

- Оча, ман хоб дорам.

Модар мегӯяд:

- Хоб рав, охир!

Писарак дар ҷавоб:

- Ту сурудхониятро бас кун, ки ман хоб равам!

## Чатр

Ҷавоне аз қафои духтар давида, мегӯяд:

- Духтарак, як дам истед...

Духтар ҳайрон шуда:

- Ҳа, худаш чӣ гап?

Ҷавон мегӯяд:

- Духтари зебо, шумо дар автобус чатратонро фаромӯш накардед?

Духтар мегӯяд:

- Ой, ман фаромӯш кардам!

Ҷавон мегӯяд:

- Ин тавр бошад, аз қафои автобус давед, ҳоло дур нарафтааст.

## Фаромӯшхотирӣ

Писар аз модараш мепурсад:

- Оча, барои чӣ занҳо ба шавҳар мебароянд?

Модар мегӯяд:

- Аз беақлӣ.

Писар боз мепурсад:

- Чаро аз шавҳар ҷудо мешаванд?

Модар:

- Аз бесабрӣ.

Писар боз мепурсад:


- Чаро боз дубора ба шавҳар мебароянд?

- Аз фаромӯшхотирӣ.

**Таҳияи Нодира РАҶАБОВА**




**Рассом: Насиба НАЗАРЗОДА**




## ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

# ҲАҶ - 2022. ОЁ ТОҶИКИСТОН ДАЪВАТНОМА ГИРИФТ?



АФШИН МУҚИМ

**Тоҷикистон ҳанӯз барои мавсими нави «Ҳаҷ-2022» даъвати расмӣ дарёфт накардааст. Дар сурати иҷоза шудани сафар ба зоирони тоҷик сабти номи нави зоирин сурат намегирад, зеро омодагиҳо дар ин самт қабл аз пандемия гирифта шуда буд.**

Афшини Муқим, сухангӯи Кумитаи дини кишвар мегӯяд, ки «ҳанӯз мушаххас нест, ки Саудӣ барои кишвари мо чӣ қадар квота ҷудо мекунад ва дар сурати дарёфти даъватнома масъала баррасӣ хоҳад шуд».

Бино ба иттилои манбаъ, кумита ҳанӯз аз соли 2020 корҳои омодагиро барои сафарбаркунии зоирин баррасӣ кардаву ҳиссаи ҷудошуда аз рӯи шумораи аҳолиро ба шаҳру навоҳӣ фиристода буд, ки тасдиқ гардид. Аммо бо назардошти вазъи эпидемиологӣ ин сафар сурат нагирифт.

Ин ниҳод мегӯяд, дар сурати баргузории сафари ҳаҷ наҳуст онҳое имтиёз хоҳанд дошт, ки тибқи навбат аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ пешниҳод гардидаанд.

Он замон ҷониби Саудӣ барои панҷ ҳазор зоири тоҷик иҷозаи сафар ба ин кишварро дода буд.

Дар мавриди нархномаи сафар барои зиёрати Хонаи Худо ҳоло чизе мушаххас нест ва ба гуфтаи оқои Афшини Муқим, пас аз дарёфти даъватнома он низ дақиқ хоҳад шуд.

Мавриди ба зикр аст, ки пеш аз пандемия нархи сафари ҳаҷ барои зоирини кишвар 35 ҳазору 128 сомонӣ, муодили 3700 доллари амрикоӣ муқаррар шуда буд.

Ёдовар мешавем, ки ахиран Арабистони Саудӣ барои нахустин бор пас аз се соли ахир дар пайи беҳбуди вазъи эпидемиологӣ ба як миллион зоир иҷозаи зиёрати Хонаи Худоро дод.

